**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**ТКБ -74.202.4.**
**ТДУ-371.4.**
**М – 65**

*Ба ҳукми дастнавис*

**МИРМАМАТОВА МАНИЖА РУСТАМОВНА**

# РУШДИ САМАРАНОКИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВИИ ХОНАНДАГОН ТАВАССУТИ ИСТИФОДАИ МУНОСИБАТИ ИНФИРОДӢ-ТАФРИҚАВӢ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**ХУҶАНД – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**Муқарризони расмӣ:** **Нугмонов Мансур** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

**Шехов Акбар Маҳмадиевич** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забонҳо бо курси иттилоотӣ компютерии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Ҳимояи диссертатсия санаи « 5 » сентябри соли 2025, соати $9^{00}$ дар шурои диссертатсионии 6D.КАО-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баргузор мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Адҳамов, 11/2, bakhriddin.1973@mail.ru, телефон: (+992) 904-29-22-66

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхона ва сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (www.aot.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____________ соли 2025 фиристода шудааст.

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои педагогӣ Б. Муҳиддинзода

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Таҳаввулоти глобалии ҷомеаи муосир дар соҳаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф низ бетаъсир намондааст. Ба шахсиятҳои дорои сифатҳои ҳадафманду боазм, ташаббускору боғайрат ҷомеаи имрӯза ниёз дорад. Дар замони муосир табаддулот ва инкишофи фаъолияти ҳамаи қишрҳои ҷомеа ба ислоҳоти иқтисодиву сиёсӣ, гузаштан ба методҳои нави хоҷагидорӣ такя мекунад. Дар чунин шароит бозсозии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, демократикунонии раванди таълиму тарбия, дигаргунсозии мундариҷаи маориф сурат мегирад. Бо тағйирёбии муносибатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ на танҳо мақсадҳои таълим, балки тамоми низоми маориф дигаргун гашт. Вазифаҳои аввалиндараҷа дар замони муосир ҷустуҷӯ ва татбиқи ташкили чунин раванди таълим аст, ки на танҳо ба ташаккули босамари сатҳи назарии таълим, малакаву маҳорати амалӣ, балки инчунин ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнӣ ва кӯшиш барои худомӯзӣ ва худтакмилдиҳӣ мусоидат намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи густариш ва рушди соҳаи маорифу тарбияро яке аз мавзуъҳои асосии сиёсати давлатӣ муайян намудаанд. Кӯшиши дарки муҳтавои Паёми Пешвои миллат дар бахшҳои маънавиёт, илму маориф ва тарбияи инсон мавзуи баҳсҳои ҳамарӯзаи мост. Пешвои миллат пайваста таъкид мекунанд, ки таълиму тарбия бояд қудрати бузурге дошта бошад, ки инсонро ба нафъи ҷомеа, рушду пешрафти он дигаргун созад.

Ислоҳоти соҳаи маориф дар шароити муосир ҳам ба мақсадҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам воситаҳои татбиқи онҳо таъсир мегузорад. Хусусиятҳои инсонгароии соҳаи маориф дар чанд самт, аз ҷумла, дар раванди таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ амалӣ гашта, ба хусусиятҳои фардиву равонӣ, қобилият ва имкониятҳои хонандагон такя мекунад.

Таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ ба бартараф кардани норасоиҳо дар дониш ва малакаҳои хонандагон равона карда шуда, барои ноил гардидан ба ҳадди ақали нишондиҳандаҳои қобили қабул мебошад. Таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ вобаста ба қобилияти зеҳнии хонандагон, маҳорат ва сатҳи тайёрии онҳо вазифаи доимии педагогика мебошад.

Зарурати татбиқи принсипи муносибати инфиродӣ бо зиддиятҳои назарраси байни ҳадафҳои умумии ҳамаи хонандагони синфи муайян, бо мазмун ва қобилияти инфиродии ҳар як кӯдак, байни шакли коллективии раванди таълим ва хусусияти инфиродии таълим, мавод, таълим, рушди кӯдак ва ғайра алоқаманд аст.

Муваффақияти таълим, тарз ва давомнокии азхудкунии дониш, сатҳи инкишофи хонанда на танҳо ба ҷалби омӯзгор, балки ба қобилиятҳои маърифатии хонанда низ вобаста аст, ки ба онҳо якчанд омилҳо, аз ҷумла дарк, хотира, фаъолияти маърифатӣ ва ниҳоят, инкишофи ҷисмонӣ таъсир мерасонанд. Аз ин бармеояд, ки дар назди ҳар як муаллим вазифа меистад, ки оқибатҳои манфии чунин низоъҳоро безарар гардонад, оқибатҳои мусбати мавҷударо мустаҳкам намояд - шароит мухайё созад, ки дар онҳо имкониятҳои хар як хонанда, усулҳои гуногуни самарабахш пурра истифода бурда шаванд.

Раванди таълим як низоми ҳамкории омӯзгорон ва хонандагон мебошад. Ҳамин тариқ, ташкили раванди таълим ҳамкории мутақобилаи омӯзгор ва хонандагон мувофиқи мақсадҳои таълим мебошад. Идоракунии раванди таълим маънои муайян кардани ҳадаф, равшан кардани мавзуъҳо, тартиб додани нақша, ташкили иҷрои вазифаҳоро дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Ба омӯзиши масъалаи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ як қатор таҳқиқотҳо, бахшида шуда, муаллифон, аз ҷумла, С.В.Алексеев [1], Л.Я.Зорина [5], Е.Е.Минченков [16], В.М.Монахов [17], В.В.Сериков [24], И.Э.Унт [27], Н.М.Шахмаев [33], И.С.Якиманская [37], В.И.Ревякина [21] ва дигарон доир ба ин ё он паҳлӯи мавзуи мавриди омӯзиши мо изҳори андеша кардаанд.

Мавзуи мазкур аз ҷониби Г.Н.Прозументова [18] мавриди омӯзиш қарор гирифта, масъалаҳои робитаи шахсияти омӯзгор ва бача чун меҳвари низоми нави босифати тарбия шинохта шудааст. Тамоюли башардӯстии низоми маориф ба самтгирии инкишофи субъект дар раванди таълим дар пажуҳишоти В.В.Краевский [12], М.Н.Берулава [2] ва ғайра, тағйироти моҳияти технологияи раванди таълим дар корҳои Ю.В.Сенко [23] таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст.

Ба масъалаи омӯзиши инфиродӣ таҳқиқоти зиёд (А.Н.Конев [11], Е.С.Рабунский [20], [21], Н.А.Менчинская [15], И.Э.Унт [27], А.А.Кирсанов [10] ва диг.) бахшида шудааст.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар робита ба масъалаҳои рушди низоми маорифи кишвар, баланд бардоштани сифати таҳсилот, омӯзиш ва татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ дар фазои таҳсилоти кишвар, истифодаи воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди дарс ва ташкили таълими инфиродӣ-тафриқавӣ саҳми чунин олимон ва мутахассиони ватании соҳаи педагогика низ назаррасанд: Лутфуллозода М. [13], Шарифзода Ф. [29], Каримова И. Х. [8], Зубайдов У. [6], Шаропов Ш.А. [30], Сабурӣ Х.М. [22], Гулмадов Ф. [4] ва диг. Дар корҳои диссертатсионӣ ва мақолаҳои илмии як зумра муҳаққиқон ва мутахассисони ватанӣ Зубайдов У.

[6], Лутфуллев М. [13], Шарипов Ф. [29] ва дигарон нақши таълими инфиродӣ-тафриқавӣ ҳамчун технологияи инноватсионии таълимӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилот мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба масъалаи таълими тафриқавӣ дар шароити фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат бештар таҳқиқот ва асарҳои академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Зубайдов У. [6] бахшида шудаанд. Дар таҳқиқоти олим нишон дода шудааст, ки фаъолияти таълимиву омӯзишӣ бояд чун сарчашмаи ташаккули шахсияти хонанда, маҳаки асосии инкишофи шахсият – фаъолияти азхудкунии шахс бо қобилиятҳои зеҳнӣ дар сатҳи ниҳоят баланд имконпазир аст. Бо ин роҳ дар хонандагон дониш, малакаву маҳорат, усулҳои зарурии фаъолият, эҳтиёҷ ба маърифат инкишоф ёфта, ғоя ва шавқ, зеҳн, ирода ва монанди инҳо ташаккул меёбад.

Дар таҳқиқоти И.Д.Бутузов [3], М.А.Мелников [14], И.Э.Унт [27], В.И. Ревякин [21] ва дигарон таҷрибаи татбиқи таълими тафриқавӣ дар замони шӯравӣ, таснифоти шаклҳо ва навъҳои гуногуни таълим бо назардошти хусусиятҳои инфиродии хонандагон бо роҳи гурӯҳбандӣ шарҳ дода шудааст.

Аммо, бо баҳогузорӣ аз натиҷаҳои мусбати таҳқиқотҳои анҷомёфта метавон ба хулосае расид, ки муносибати инфиродӣ дар амал ниҳоят суст татбиқ гашта, маъмулан самараи хуб ба дараҷаи кофӣ ба даст наомадааст. Зеро, дар корҳои анҷомёфта диққати асосӣ ба он сифатҳои шахсӣ, ки ташаккул ва инкишофи хонандагон бо муносибати инфиродӣ имкон дорад, равона гашта, вале ба мундариҷаву усулҳои таълим камтар таваҷҷуҳ шудааст. Дар натиҷа, дар раванди воқеии омӯзиш кори инфиродии хонандагон ҳамчун фаъолияти «иловагӣ» ба усулҳои анъанавии таълим амалӣ карда мешуд.

Имрӯз, ба назари мо, ҳалли воқеии масъалаи мазкур дар доираи мундариҷаву усулҳои муосир мутобиқ ба талаботи низоми имрӯзаи таҳсилот имкон дорад.

Мутаассифона, дар корҳои дигари номбаркардаи муҳаққиқон, ки бевосита таълими инфиродӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, баён мегардад, ки дар раванди воқеии таълим як қатор ихтилофот мавҷуданд ва онҳо ҳалли масоили шакли ҳамагонии таълимро мураккаб менамоянд. Ин гуна ихтилофот ҳам дар ташкил ва ҳам мазмуну муҳтавои фаъолияти таълимӣ зуҳур мекунанд. Ба андешаи мо, ин ихтилофотро бо амалӣ намудани муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба таълим метавон бартараф кард.

Таҳлили баъзе ҷиҳатҳои масъалаи мазкур дар таҳқиқотҳо таҳлил гашта, яке аз ҷанбаҳо – таълими инфиродӣ-тафриқавӣ чун шарти баланд бардоштани самаранокии педагогии раванди таълим – ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Ҳамин тариқ, аҳамияти **ихтилофоти** байни ниёзи воқеии мавҷуда дар амалигардии хусусиятҳои инфиродӣ, шавқу майли хонандагон дар раванди таълим бо назардошти амалишавии муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ ва ба таври зарурӣ омӯхта нашудани масъала аз нигоҳи мундариҷа ва метод мушоҳида мегардад. Ин боиси интихоби мавзуи мавриди таҳқиқи мо: **“Рушди самарабахшии таҳсилоти хонандагон тавассути истифодаи таълими инфиродӣ-тафриқавӣ (дар асоси маводҳои забони англисӣ)”** гардид.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Дар таҳқиқот ба корҳои илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ такя карда шудааст. Мавзуи диссертатсия ҷузъи таркибии барномаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” буда, дар робита бо таҳқиқ ва ҳалли муаммои муҳими илми педагогикаи муосир ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** муайян намудан ва асоснок кардани шароити педагогӣ, ки муносибати таълими самараноки инфиродӣ – тафриқавиро таъмин мекунад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмию методии марбут ба масъалаҳои дар таҳқиқот баррасишаванда ва хулосабарорӣ аз онҳо;
- омӯхтан ва муайян намудани заминаҳои психологӣ – педагогии баландбардории самаранокии муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим;
- коркарди назарӣ ва асоснокии шароити ташкил ва гузаронидани муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълими самаранок;
- ташкили кори озмоишӣ ва таҷрибаи амалишавии методикаи коркарди муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба хонандагон дар раванди таълим.

**Объекти таҳқиқот** – раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот –** раванд ва шартҳои ташкилӣ - педагогии таълими инфиродӣ – тафриқавии хонандагон.

**Фарзияи таҳқиқот:** агар дар шароити раванди педагогии мактаб муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ чун низоми мукаммали таълим дар тамоми марҳалаҳо ба роҳ монда шавад, пас самаранокӣ ва натиҷабахшӣ баланд

мегардад, зеро хусусиятҳои фардӣ ва шахсӣ, завқу майли хонандагон ба назар гирифта мешавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳалаи ба ҳам алоқаманд тайи солҳои 2018 – 2024 гузаронида шудааст, ки ҳар яки он мақсаду вазифаҳои мушаххасро дар бар мегирад.

*Дар марҳалаи якум (солҳои 2018 - 2020*) - методию назариявии таҳқиқот: таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, психологӣ-педагогии адабиёт доир ба мавзуи мавриди таҳқиқи мо бо мақсади ҳалли саҳеҳу дурустии масъала. Коркард ва гузаронидани озмоиш бо мақсади муайян намудани ҳолати таълим дар синфҳои гуногуни навъҳои гуногуни тахассусӣ. Ҳолати таълим ва сатҳи дониши хонандагон дар синфҳои тахассусӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Бо муаллимон – озмоишкунандагон суҳбат аз хусуси мушаххас намудани вазифа ва хусусиятҳои корҳои озмоишӣ ташкил гардид.

*Дар марҳалаи дуюм (солҳои 2020-2022)* омӯзиши масъалаҳои назариявии таҳқиқот амалӣ гардида, дар он пеш аз ҳама, бахши назариявию методии рисолаи диссертатсионӣ тарҳрезӣ гардидааст. Дар раванди озмоиш нақшаҳои таълим ва барномаҳо барои синфҳои озмоишӣ таҳия шуданд; таълим дар синфҳои озмоишӣ ташкил гаштанд; иштирок ба машғулиятҳо бо таҳлили натиҷаи онҳо ба роҳ монда шуд; мундариҷа ва муҳтавои корҳои санҷишӣ бо тартиби иҷро ва таҳлили самаранокии онҳо коркард гаштанд; семинарҳо бо иштироккунандагони озмоиш, пурсишномаҳо ва мусоҳиба бо хонандагон ташкил карда шуд.

*Дар марҳалаи сеюм (солҳои 2022-2024)* марҳалаи амалӣ ва ҷамъбастӣ буда, ҳамчун қисми амалии таҳқиқот дар он усулҳои риёзию оморӣ барои арзёбии натиҷаҳои корҳои озмоиши-таҷрибавӣ интихоб ва асоснок карда шуд; озмоиши муқарраркунанда барои тафтиши натиҷаҳои назарии аз таҷриба ҳосилшуда роҳандозӣ шуда, маводи бадастомада таҳлил ва хулосабарорӣ гаштанд. Дар робита ба қисми амалии таҳқиқот низ як қатор мақолаҳои илмӣ омода ва нашр карда шуда, инчунин, дар якчанд конференсияҳои сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ маърӯзаҳо карда шудааст. Дар ин марҳала такмили қисмҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, ба танзим даровардану мураттаб сохтани натиҷаҳои бадастомада ҳамчун тавсияю пешниҳод ва хулосаҳои умумӣ, ҷамъбасти кори таҳқиқотӣ ва таълифи диссертатсияю автореферати он ба анҷом расид.

**Асоси назариявии таҳқиқот**ро қонунҳои диалектикии табиату

ҷамъият, мувофиқати шаклу мазмун, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия, ҳуҷҷатҳои муҳими директивии Ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вобаста ба низоми маорифи кишвар қабул шудаанд, ташкил медиҳад. Таҳқиқот ба якчанд корҳои бунёдӣ, ки ба масъалаҳои сифат ва моҳияти таълими инфродӣ-тафриқавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, салоҳияти касбии омӯзгор, арзёбӣ ва мониторинги омодагии касбии муаллим, меъёрҳои сифати дониши хонандагон, ташхиси педагогӣ ва технологияи истифодаи таълими инфродӣ-тафриқавӣ бахшида шудаанд, такя мекунад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** ғояҳои фалсафӣ**,** сотсиологии муносибати системавии фардии фаъолият дар таълим ва тарбия, қонуниятҳо ва принсипҳои психологию педагогӣ ташкил медиҳад. Дар таҳқиқоти мазкур методу усулҳои зерин мавриди истифода ва татбиқ қарор дода шудаанд: равиши бонизом нисбати назария ва амалия бо баҳисобгирии мавзуи таҳқиқот, омӯзиш ва таҳлили асарҳои педагогӣ, психологӣ, сотсиологӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ, ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ, инчунин таҳлили нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ва китобҳои дарсӣ ва ғайра.

**Сарчашмаи маълумот**. Асарҳои илмии олимон - файласуфон, психологҳо, педагогҳо оид ба масъалаҳои таълими инфиродӣ – тафриқавии хонандагон дар таҳсилот, рушди шахсият ва имконоти худтатбиқнамоии ӯ дар навъҳои фаъолияти таълимӣ ва берунаэтаълимӣ; санадҳои меъёрии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҷрибаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна, инчунин таҷрибаи педагогӣ ва муҳаққиқии муаллиф; нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ сарчашмаҳои маълумот ба ҳисоб мераванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ**:

- ҷамъоварӣ, омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, таҳқиқотӣ, методӣ ва иттилоотии бевосита ба мавзуи таҳқиқот ва бахшҳои алоҳида он алоқаманд;
- омӯзиш ва баррасии таҷрибаи олимону таҳқиқгарони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ба таҳқиқот дахлдор;
- ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ ва ба танзим даровардани додаҳои таҷрибавӣ; коркарди риёзию омории додаҳои таҷрибавӣ бо истифода аз усулҳои маъмул ва самаранок;

- ташхису таҳлилҳои муқоисавии натиҷаҳои бадастомада ва дар асоси онҳо баровардани хулосаҳои зарурӣ;

- озмоиши педагогӣ барои санҷидани самаранокии коркарди методии амалигардонии муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №15, 24 ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, №5, 7, гимназияҳои №1 ва 4-и ш.Хуҷанди вилояти Суғд мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- мураккабию бисёрҷабҳагии мафҳуми "муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим" муайян гардида, гунаи мукаммалтари он ҳамчун мафҳуми интегралию комплексӣ пешниҳод шудааст;

- шароитҳои педагогии ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба таълим, ки самаранокии онро чун талаботи инфиродии таҳсили хонандагон зимни муайян намудани мазмуни таълим таъмин менамоянд ва ҳамгироии шаклҳои гуногуни мазмуну мундариҷаи таълим, истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълими инфиродӣ - тафриқавӣ муайян гаштаанд;

- усулҳои амалигардонии ин шароитҳо дар раванди воқеии таълим бо назардошти талабот ба кадрҳои баландихтисос коркард шуданд, ки барои баланд бардоштани натиҷаҳои таълим дар мактаб имкон фароҳам меорад;

- амсилаи педагогӣ асоснок ва таҳия гардид, ки ба ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нигаронида шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- ҳангоми ташкили таълими инфиродӣ – тафриқавӣ чунин асосҳои педагогӣ, чун мақсадҳои тағйир додани таълим, мазмун ва хусусиятҳои фаъолияти педагогӣ ва хонандагонро ба эътибор гирифтан зарур аст, зеро ин асосҳо тафовутҳои типологии муносибати мазкурро муайян менамоянд;

- таълими инфиродӣ – тафриқавӣ дар мавриди ҳамгироии шаклҳои гуногуни мазмуну мундариҷаи таълим самарабахш амалӣ мегардад;

- таълими инфиродӣ – тафриқавӣ зимни ҳамгироии шаклҳои умумии раванди таълим (машғулиятҳои синфӣ) ва шаклҳои педагогӣ талаботи донишазхудкунии хонандагонро қонеъ гардонида, барои амалигардонии қобилиятҳои толибилмон (таҳсил дар гурӯҳҳои мутаҳаррик ва машваратҳои инфиродӣ) мусоидат менамояд.

- дар раванди ташкили таълими инфиродӣ – тафриқавӣ ба эътибор гирифтани чунин хусусиятҳои низоми таълим, чун талабот ба кадрҳои

баландихтисос, баланд бардоштани қобилиятҳои эҷодии педагогон муҳим мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

-рисола метавонад ҳамчун сарчашмаи маълумоти назариявӣ оид ба мафҳум ва моҳияти “муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълим”, навъ ва шаклҳои маъмули саволу масъалаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, ташхиси педагогӣ, бартарӣ ва нуктаҳои мусбии санҷишҳои педагогӣ ва ғайра ҳангоми иҷрои корҳои илмӣ ва гузаронидани таҳқиқотҳо аз ҷониби нафарони дахлдор истифода бурда шавад;

-хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар асоси таҳлилу баррасии натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оиди ташкили муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба даст омаданд, дар ҳалли масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷумҳурӣ дорои аҳамияти хоса мебошанд;

-тавсияю пешниҳодҳо оид ба ҳолати кунунии равияҳои марбут ба ташкили муносибати инфиродӣ–тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рисола баёни худро ёфтаанд, дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ ба инобат гирифта шаванд; равишҳои таҳлилию ташхисии истифодашуда метавонанд ҳамчун маводи методӣ ҳангоми тадриси машғулиятҳои амалии мувофиқ ба эътибор гирифта шаванд;

-натиҷаҳои бадастомада метавонад ҳамчун заминаи мувофиқи иттилоотӣ барои таълифи монография ва дастурҳои таълимию методии ба мавзуъҳои муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, андозагириҳои педагогӣ, истифодаи усулҳои математикию оморӣ дар таҳқиқоти педагогӣ ва монанди инҳо хизмат намояд. Истифодаи методикаи муносибати инфиродӣ – тафриқавии коркардшуда ба баландбардории сатҳи натиҷабахшии таълими мактаббачагон, тағйир ёфтани муносибати онҳо ба таҳсил, инкишофи мақсаднок бо хусусиятҳои шахсӣ ва фитрӣ мусоидат мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ** бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали тадқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунад, алоқамандии назария бо амалияи кор дар мактабҳои озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди

коркарди маълумот нигаронида; бо иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шуданд. Эътиборнокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада инчунин бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим тасдиқ шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – “Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот” (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад: *банди 1* – “Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ” (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – “Консепсияи таҳсилот” (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – “Педагогикаи амалӣ” (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар иштироки бевоситаи ӯ дар ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани сохтори рисола, муайян кардани мақсаду вазифа ва объекту предмет, ҷустуҷӯ ва дарёфти адабиёти зарурӣ доир ба мавзуи таҳқиқот, дар ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил ва мураттабсозии натиҷаҳои рисолаи таҳқиқотӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия, таҷассум меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсионӣ амалан дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (солҳои 2018-2024) гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ ва конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”муҳокима карда шудааст. Мақолаҳои илмӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ “Роҳ ва воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб” (Хуҷанд 2023, “Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосир ва роҳҳои таъмини устувории он” (Душанбе, 2023), “Модернизатсия ва трансформатсияи фаъолияти илмӣ дар шароити рақамисозӣ” (Федератсияи

Русия, 2023), “Муаммоҳо ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ” (Хуҷанд, 2024) ба нашр расонида шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла дар 6 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд ва боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои “Муқаддима”, “Тавсифи умумии кор”, ду боб, бахши “Хулосаҳо” бо зербахшҳои “Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия” ва “Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо”, бахши “Охирсухан”, бахши “Номгӯи адабиёт” бо зербахшҳои “Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда” ва “Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ” иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 197 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, 8 расму диаграмма ва 12 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 182 номгӯй аст.

## ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯхта шудани муаммо, мақсад, объект, предмети таҳқиқот муайян шудаанд; вазифаҳо ва методҳо, марҳалаҳои он нишон дода шудаанд; пойгоҳи озмоишии таҳқиқот муайян гардида, боэътимодии натиҷаҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якум **“Асосҳои илмӣ-назариявии ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим”** бо такя ба дидгоҳҳои олимони соҳа таълими инфиродӣ-тафриқавӣ ҳамчун муаммои педагогӣ баррасӣ шуда, моҳияти педагогии он ошкор гардидааст ва тавсифи умумии ин навъи таълим анҷом ёфта, шароити педагогӣ ва меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим муайян шудаанд.

**Дар фасли якуми** ин боб “**Таълими инфиродӣ-тафриқавӣ чун муаммои педагогӣ**” бо такя ба таҳқиқоти мавҷуда моҳияти таълими тафриқавӣ ва инфиродӣ, дидгоҳҳои олимон ба ин муаммои педагогӣ, таҷриба

ва кӯшишҳои ҷорӣ кардани ин навъҳои таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ гардидаанд.

Таҳлили адабиёти илмии дахлдор ошкор кард, ки дар таърихи таҳсилоти миёнаи умумии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба таълими тафриқавӣ ва инфиродӣ маъмулан дар вазъияти табаддулот, тағйирёбии мақсадҳои таълим рӯй меоварданд. Он бештар дар заминаи касби ба нақша гирифта, бо назардошти эҳтиёҷи истеҳсолот ва хоҷагии халқ ба кадрҳои соҳибтахассус амалӣ мешуд.

Дар самти таҳқиқ ва тавассути озмоиш санҷидани таълими тафриқавӣ педагогҳои Тоҷикистон ва Русия, инчунин педагогҳои хориҷӣ кӯшишҳои ҷолиб анҷом доданд. Чунончи, бо сарварии академик У.Зубайдов [6] дар МТМУ №54-и ш.Душанбе озмоиш гузаронида шуд, ки ғояи асосии он тафриқаи хонандагон мувофиқи инкишофи маҳорати бадеӣ-эстетикӣ буд. Дар доираи ин фасл корҳои таҷрибавии педагогҳои рус С.Т.Шатский, М.А.Мелников ва дигарон баррасӣ шуданд.

Дар таълифоте, ба омӯзиши тафовутҳои инфиродӣ дар раванди донишазхудкунӣ бахшида шудаанд, таваҷҷуҳ ба он равона шудааст, ки кадом ҷанбаҳои фаъолияти зеҳнии хонанда равшантар зоҳир мешаванд – образнокӣ ё нутқи мантиқӣ, ҷузъҳои ҷамъбасткунанда ё майлу рағбатҳои хонанда дар фаъолияти зеҳнӣ.

Ба масъалаи таълими тафриқавӣ ҳамчунин бисёр таҳқиқотҳо бахшида шудаанд. Муносибати тафриқавӣ ба хонандагон дар таълим дар корҳои А.А. Кирсанов [10] ва Е.С.Рабунский [20] А.Н. Конев [11], Н.А.Менчинская [15], И.Э.Унт [27] ва дигарон ифода ёфтааст. Н.А.Менчинская [15], Н.Ф.Тализина [26], А.А.Кирсанов [9], [10], З.И.Калмикова [7] ҷанбаҳои равонии масъалаи таълими тафриқавии мактаббачагонро таҳлил кардаанд.

И.Э.Унт ду шакли тафриқаро нишон додааст: 1. Дар марҳалаи муайян мактаб ба соҳаҳои алоҳидаи дониш (масалан, гуманитарӣ, физикӣ-техникӣ ва табиӣ) диққати асосӣ медиҳад. 2. Ба фанҳои асосӣ фанҳои интихобӣ илова мегарданд.

Шакли аввали тафриқа ба таъсиси мактабҳо, синфҳо ва ё гуруҳҳои тахассусӣ, ки нақша ва барномаи таълим аз таълими анъанавӣ (гуруҳбандии зоҳирӣ) фарқ дорад, такя мекунад.

Шакли дуюми тафриқа – дохилӣ аз назардошти хусусиятҳои инфиродии хонандагон дар гуруҳҳои таълим бо усули тафриқавӣ иборат аст.

Таҳлилҳои психологӣ оид ба заминаҳои таълими инфиродӣ барои ҳалли

муаммо дар раванди омӯзиш мусоидат мекунанд. Аз ҷониби равоншиносон роҳҳои он нишон дода шудааст, ки педагогон онро пайравӣ намуда, метавонанд дар фаъолияти таълимӣ методҳо ва шаклҳои ташкили омӯзишро мувофиқи дидгоҳи инфиродӣ ба хонандагон татбиқ намоянд.

**Дар фасли дуюми** ин боб "**Моҳияти педагогӣ ва тавсифи таълими инфиродӣ-тафриқавӣ**" қайд гардидааст, ки дар таҳқиқи масъалаи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ мавҷуд набудани истилоҳоти ягонаи илмӣ мушкилоти асосӣ мебошад. Мафҳумҳои асосии он ("тафриқа", "инфиродӣ", "муносибати тафриқавӣ", "муносибати инфиродӣ", "таълими тафриқавӣ" ва монанди инҳо) имрӯз дар дидактика шарҳу таърифи ягона надошта, истилоҳи "тафриқа" аксаран ба маънои маҳдуд баррасӣ мешавад.

Дар доираи ин фасл таҳлили шарҳу таърифҳои як қатор олимон анҷом ёфта, ҳудуди истифодаи чунин мафҳумҳо дар таҳқиқот таъкид шудааст:

1. Тафриқаи дохилӣ. Дар раванди таълим хусусиятҳои инфиродии хонандагон дар шароити синфҳои муқаррарӣ ба назар гирифта мешавад. Ин шакл пурра хусусиятҳои инфиродӣ ва гуруҳии хонандагонро мутобиқ гардонида, омӯзиши мавод бо суръати гуногун сурат мегирад, ба хонандагон вазифаҳои тафриқавии таълимӣ пешниҳод гашта, аз ҷониби омӯзгор кӯмак расонида мешавад. Ҳамчунин гуруҳҳои чандир ва мутаҳаррики хонандагонро дар дохили синф барои таълим аз рӯйи барномаҳои мураккаб дар сатҳҳои гуногун ташкил метавон кард. Ин ҷо мо тафриқаро бе тағйироти асосӣ дар низоми умумии таълим дар назар дорем.

2. Тафриқаи беруна. Хусусиятҳои инфиродии хонандагон ба воситаи муттаҳидкунии онҳо ба гуруҳҳои алоҳида ба назар гирифта шуда, он ба тамоми низоми таълим таъсир мерасонад, аммо ҷузъи пойгоҳии таълим бетағйир мемонад. Тафриқаи беруна дар шаклҳои гуногун амалӣ мегардад (таснифи синфҳои муқаррарӣ аз рӯйи сатҳи пешрафти хонандагон ва талабот ба таълим; ташкили синфҳо ва мактабҳои тахассусӣ бо назардошти шавқу қобилият ба соҳаи муайяни дониш ва ғ.).

Омӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми "инфиродикунонӣ" дар таълим низ гуногун шарҳ дода шудааст. Илми педагогика инфиродӣ намудани таълимро чунин ташкили он мешуморад, ки "дар он интихоби усулҳо, равишҳо, суръати таълим тафовути инфиродии хонандагон, дараҷаи инкишофи қобилияти онҳо барои омӯзиш ба назар гирифта мешавад" [32; 33; 34; 35]. Ҳамин тавр, мафҳуми "тафриқа" ва "инфиродикунонӣ" бо ҳам алоқаманд буда, "тафриқа" ҳаҷми хурдтар ва

хусусияти тобеъшаванда, “инфиродикунонӣ” хусусияти тобеъкунанда дорад, зеро ҳаҷман васеътар аст, яъне ҳама гуна тафриқа дар айни замон инфиродикунонӣ аст, на баръакс.

Дар идома мақсад, шаклу тарзҳои тафриқа бо такя ба адабиёти илмӣ баррасӣ гардида, таъкид гардидааст, ки дидгоҳи эътирофшуда тақсими он ба навъҳои беруна ва дохилӣ мебошад, ки он дар Консепсияи таълими тафриқавӣ дар мактабҳои миёна инъикос ёфтааст.

Бо такя ба таълифоти педагогҳо оид ба таҷрибаи пешқадами педагогӣ чунин корҳоро зимни татбиқи усули инфиродӣ барои хонандагони пешқадам мувофиқи мақсад мебошанд: - ҳалли масъалаҳои нисбатан мушкил; - иншо дар мавзӯъҳои васеъ ва амиқи тахассусӣ; -мутолиаи адабиёти иловагӣ; - иштирок дар лексияҳои иловагӣ; - омода кардани маърӯзаҳо барои иштирок дар лексияҳо ва ғ.

Дар доираи ин фасл инчунин масъалаҳо оид ба роҳҳои пурра инфиродӣ намудани таълим, имконияти татбиқи дидгоҳи тафриқавӣ дар таълими фанҳои алоҳида, муносибат ба барномаҳои таълимӣ зимни татбиқи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ, шаклу воситаҳои гуногуни чунин навъи таълим, аз ҷумла, супоришҳо, корҳои эҷодӣ таҳлил шудаанд.

**Дар фасли сеюми** ин боб “**Шароити педагогӣ ва меъёрҳои ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба таълим**” баррасӣ гардиданд.

Ташкили таълимии инфиродӣ-тафриқавӣ назардошти сатҳи соҳибтахассусии омӯзгорро тақозо дорад, ки пеш аз ҳама, ба сатҳи маҷмӯи маҳорати педагогӣ вобаста аст. Мо ба таърифи Н.М.Шахмаев оид ба маҳорати педагогӣ такя мекунем: “маҳорати педагогӣ азхудкунии маҷмӯи мураккаби раванди инкишофи амалҳои психологӣ ва амалӣ мебошад, ки ба иҷрои эҷодкоронаи вазифаҳои касбӣ равона гардидааст” [31].

Маҷмуи маҳорату малакаҳои педагогӣ, ки шарти муҳими ба роҳ мондани таълими инфиродӣ-тафриқавӣ мебошад, бо ҳам алоқаманд кардани донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ; сифатҳои шахсияти омӯзгор; дараҷаи азхудкунии техникаи касбӣ; малакаҳои ташкилкунӣ; маҳорати идоракунии раванди ташаккули шахсияти хонанда ва ғайраро фаро мегирад. Мо ҳангоми муайян кардани нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули маҳорати педагогӣ ба консепсияи Л.Ф.Спирин такя кардем [25], ки панҷ сатҳи ташаккули маҳорати педагогиро фарқ кардааст: пешазкасбӣ (хеле паст), сатҳи маҳорати касбӣ (паст), сатҳи ташаккули маҳдуд (миёна), сатҳи ташаккули кофӣ (баланд), сатҳи азхудкунии муваффақона (баландтарин).

Барои татбиқи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ ҳамчун фаъолияте, ки ба тамоми марҳилаҳои раванди педагогӣ ворид мешавад, ин сатҳ кофӣ нест. Сатҳи фарҳанги иттилоотии ҳайати омӯзгорони гимназияи №4-уми ш. Хуҷанд (сентябри 2018) низ хеле паст буд (ниг. ба расми 3).




**Расми 3. Сатҳи фарҳанги иттилоотӣ дар коллективи педагогӣ**

Дар заминаи таҳлил хулоса бароварда шуд, ки ба суръату сифати равандҳои инноватсионӣ омилҳои ҳам беруна ва ҳам дохилӣ таъсир мерасонанд, ки ба онҳо надонистани моҳияту мундариҷаи дидгоҳи инноватсионӣ, принсипҳо, асосҳои консептуалии он, надоштани таҷрибаи кор дар асоси принсипҳои таълими инфиродӣ-тафриқавӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ифшои хусусиятҳои фардии рушди ҳар як хонанда нуқтаи ибтидоии ташкили таълими тафриқавӣ мебошад ва шаклҳои гуногуни таълим барои ин шароити мусоид фароҳам меоранд. Тафриқабандии таълим муайян кардани меъёрҳои ба гуруҳҳои типологӣ тақсим кардани хонандагонро пешбинӣ менамояд. Дар ин замина ҷадвали А.А.Бударний шоистаи таваҷҷуҳ аст.

**Ҷадвали №3. Тафовути хонандагон (аз рӯйи таснифоти А.А.Бударний)**

| Гуруҳҳои хонандагон | Ҳамгироии сатҳи қобилияти омӯзиш ва қобилияти меҳнатӣ | Намуди баҳогузорӣ (пешрафт) |
|---|---|---|
| Гуруҳи хонандагоне, ки қобилияти | а) сатҳи баланди рушди қобилияти таълимӣ,<br>б) сатҳи миёнаи рушди қобилияти омӯзишӣ, сатҳи баланди қобилияти меҳнатӣ, | 5 ва 4.<br><br>4 ва 5, |

Идомаи ҷадвал

| | | |
|---|---|---|
| баланди таълимӣ доранд. | в) сатҳи баланди рушди қобилияти омӯзишӣ, сатҳи миёнаи қобилияти меҳнатӣ. | танҳо 4 |
| Гуруҳи хонандагоне, ки қобилияти миёнаи омӯзиш доранд. | а) сатҳи миёнаи рушди қобилияти омӯзишӣ, сатҳи миёнаи қобилияти меҳнатӣ,<br>б) сатҳи пасти рушди қобилияти омӯзишӣ, қобилияти баланди меҳнатӣ,<br>в) сатҳи пасти рушди қобилияти омӯзишӣ. | 4 ва 3<br>3 ва 4<br>3, баъзан 4 |
| Гуруҳи хонандагоне, ки имкониятҳои пасти омӯзишӣ доранд. | а) сатҳи баланди рушди қобилияти таълимӣ, сатҳи пасти қобилияти меҳнатӣ,<br>б) сатҳи миёнаи рушди қобилияти омӯзишӣ, сатҳи пасти қобилияти меҳнатӣ,<br>в) сатҳи пасти рушди қобилияти омӯзишӣ. сатҳи пасти қобилияти меҳнатӣ. | 3, баъзан 4<br>3, баъзан 2.<br>2, баъзан 3.<br>аксар вакт 2. |

Дар доираи ин фасл дидгоҳҳои олимони дигар оид ба меъёру нишондиҳандаҳои тафриқаи хонандагон ҷиҳати ба роҳ мондани ин навъи таълим баррасӣ гардид.

Омӯзиши вазъи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ нишон дод, ки тафриқа бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад: мазмуни таълим фарқ мекунад, нақши афзалиятноки усулҳои муайяни таълим, шаклҳо, тарзи муносибати байни хонандагон ва омӯзгорон ва ғайра тағйир меёбанд. Бинобар ин, бе назардошти хусусиятҳои фардии хонандагон, самаранок ташкил таълими тафриқавӣ ғайриимкон аст.

Ҳамин тавр, зарурати ҳалли муаммои таълими инфиродӣ - тафриқавӣ дар шароити муосир дар чунин нуктаҳо ифода меёбад, ки афзалияти онро тасдиқ мекунанд:

- раванди таълимро инсонгароёна намуда, барои қонеъ намудани талабот ва шавқу тамоюлҳои хонандагон шароит фароҳам меорад ва ба рушди ҳаддалимкони онҳо нигаронида шудааст;

- имкон медиҳад, ки сарбории хонандагон кам шуда, сатҳи ҳавасмандии онҳо ба таълим баланд шавад;

- имкон медиҳад, ки ҳангоми омӯзиш хусусиятҳои минтақавӣ ба назар гирифта шаванд;

- бо сабаби демократӣ ва тағйирпазир будан ба хонанда ҳуқуқи интихобро медиҳад.

Пас аз таҳлили адабиёт ва вазъи таълими инфиродӣ дар мактаб мо инчунин муайян кардем, ки таъсиси гуруҳҳо аз рӯи якчанд аломатҳои ташхисӣ (таълим, қобилияти омӯзишӣ, навъи тафаккур) яке аз шартҳои самарабахши ташкили таълими тафриқавӣ мебошад.

**Дар боби дуюми** диссертатсия **“Муносибати инфиродӣ- тафриқавӣ шакли такмили низоми таълим дар мактаби муосир”** муаммоҳои дар раванди таълим фардикунонии таълим ва шакли тафриқавии кор бо хонандагон, хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар дарси забони англисӣ, истифодаи марҳилаи ташкили фаъолияти таълимӣ бо назардошти сатҳи дониш ва маҳорат, самаранокии муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ, зарур будани ташкили фаъолияти таълимӣ бо муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ дар ҳама марҳилаҳои азхудкунии дониш ва малакаҳо ба назар мерасанд.

**Фасли якуми ин боб** ба баррасии “**Аз таҷрибаи ташкили таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими муосир”** бахшида шудааст. Дар ин фасл муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ ҳамчун воситаи рафъи ихтилофи байни талаботи раванди таълим ва имкониятҳои воқеии кӯдак нишон дода шудаанд. Муносибатҳои тафриқавӣ ва фардӣ бо мафҳумҳои шахсият ва фардият робитаи ногусастанӣ доранд. Алоқамандии қобилияти ба назар гирифтани хусусияти шахсият ва дастгирии ӯ дар раванди таълим бо истифодаи равишҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ, ғояҳои олимон оид ба баназаргирии хусусиятҳои фардӣ, ки ба асосҳои назариявӣ ва методологии равишҳои фардӣ ва тафриқавӣ бахшида шудаанд, таҳлил карда шудааст.

Таваҷҷуҳи таҳсилоти муосир ба фардияти хонанда масъалаи моҳияти ин падидаро ба миён мегузорад. Фардият дар луғати психологӣ ҳамчун шахсияти хоси ҳар як шахс, ҳамчун маҷмӯи хислатҳо ва хосиятҳои равонии ӯ, ки дар зери таъсири омилҳои гуногун ташаккул ёфтаанд, маънидод шудааст. Фардият ба шахс каму беш бомуваффақият анҷом додани фаъолиятро таъмин мекунад.

Муаммои муносибати инфиродӣ таърихи инкишофи худро дорад. Педагоги бузурги чех Я.А.Коменский низоми педагогиро ба вуҷуд овард, ки хусусиятҳои инфиродиро ба назар мегирад. Ба гуфтаи А.Кирсанов [9], Ян Амос Коменский мутобиққунии мазмун, метод ва воситаҳои таълимро ба дараҷаи омодагии хонандагон кам накарда, онро ҳамчун воситаи ба зинаҳои

нави инкишоф додани ҳар як хонанда медонист. Муносибати инфиродӣ дар шароити кори коллективонаи синфӣ яке аз принсипҳои таълим мебошад, ки ба назар гирифтани шавқу ҳавас, майл, дараҷаи инкишоф, камбудиҳои дониш ва малакаи ҳар як хонандаро дар бар мегирад.

Дар назди ҳар як омӯзгор вазифае меистад, ки чӣ гуна ба ҳар як хонанда дониши босифат дода шавад, чӣ гуна дар рушди бомуваффақияти ҷомеаи худ саҳм гузорад ва дар айни замон саломатии кӯдакро нигоҳ дорад. Аммо яке аз масъалаҳои мубрами имрӯза ин аст, ки чӣ гуна ҳангоми кор бо гурӯҳ хусусияти ҳар як кӯдакро аз даст надиҳем. Ҳама кӯдакон гуногунанд: аз рӯи қобилият дар соҳаҳои гуногун, аз рӯи хусусиятҳои психологию педагогӣ, аз рӯи таҷрибаи ҳаёт.Илова бар ин, сатҳи омодагӣ махсусан барои гуруҳҳои забони англисӣ хос аст, ки хонандагон дониши зарурӣ надоранд, ё аз мактабҳои миёна интиқол меёбанд ва аксар вақт малакаҳои забони англисиро дар сатҳи зарурии барнома надоранд.

Таълими инфиродӣ метавонад аз рӯи параметрҳои гуногун амалӣ карда шавад. Аввалан, ҳар як хонанда барои омӯзиши мавод мӯҳлати гуногун сарф мекунад ва ин вақт барои ҳар як кӯдак фард аст, масалан, барои азёд кардани матн. Ҳангоми додани чунин вазифаи хонагӣ, мо одатан иҷрои онро назорат мекунем, то кӯдакон тасаввур кунанд, ки барои иҷрои ягон вазифаи муайян ё баррасии матн чӣ қадар вақт лозим аст. Ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ, мо дар бораи вақти барои он сарфшуда пурсон мешавем ва аҳамияти раванди омӯзиши сусти хонандагонро таъкид мекунем. Барои ин хонандагон, муҳлатҳои иҷрои супориш гуногунанд ва аксар вақт ин онҳо маводро хеле пуршиддаттар ва дарозтар меомӯзанд.

Бо ин роҳ, дхонандагон худро аз ҳад зиёд эҳсос намекунанд ва ҳавасмандии онҳо суст намешавад. Илова бар ин, муҳлатҳои иҷрои супоришҳои душвор, аз қабили лоиҳаҳо, тестҳо, викторинаҳо ва вазифаи хонагӣ пешакӣ эълон карда мешаванд, то ҳар як хонанда метавонад миқдори оптималии вақтро барои омодагӣ интихоб кунад..

Параметри дуюми таълими инфиродӣ ҳаҷми маводи таълимӣ мебошад, ки бояд омӯхт ва ин ҳам метавонад гуногун бошад. Хамин тавр, худи талабагон мувофики кобилияту кимконияташон доираи супоришро муайян мекунанд. Вазифаи мо ҳамчун омӯзгор аз он иборат аст, ки дар кӯдак қобилияти фаъолияти пуршиддати таҳқиқотӣ, маҳорати таҳлил кардан, хулоса баровардан ва ҷамъбаст карданро инкишоф диҳем. Талабагон дар кори илмӣ таҷрибаи бебаҳо ҳосил мекунанд, адабиёти зиёдеро меомӯзанд,

маҳорати баланди нутқро инкишоф медиҳанд, бо фаъолияти хамсолони худ шинос мешаванд. Онҳо дар муҳити забон эътимоди бештар пайдо мекунанд ва барои рушди худ такони пурқувват мегиранд. Илова бар ин, муносибати инфиродӣ бевосита дар фаъолияти таълимӣ ҳангоми дарс амалӣ карда мешавад. Аксар вақт хонандагон дар гуруҳҳо таҳти роҳбарии шахси таъиншуда кор мекунанд, ки ӯ кори аъзоёни гуруҳро назорат ва баҳо медиҳад.

Чунин роҳбарон хонандагонеро интихоб мекунанд, ки сатҳи забоншиносӣ ва қобилиятҳои зеҳниашон гуногунанд. Ин дарсхо ба хонандагони хам суст ёрӣ мерасонанд, ки ба худ боварии калон пайдо кунанд, мутамарказӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ барои вазифаи супурдашуда ва хохиши ноил шудан ба муваффақиятҳои бештар пайдо кунанд ва онҳо камбудиҳои худро таҳлил намуда, бароиислоҳи онҳо кӯшиш мекунанд. Дар хулоса бояд гуфт, ки муносибати инфиродӣ дар таълиму тарбия дар ташаккули шахсияти хонанда нақши муҳим дорад ва рисолати омӯзгор дидани вижагиҳои ҳар як шахс аст.

**Дар фасли дуюми боби мазкур "Хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии хонандагон дар дарси забони англисӣ бо муносибатҳои инфиродӣ ва тафриқавӣ"** таҳлил гардидааст. Самаранокии таълими забони хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат ба ташкили дақиқ ва фасеҳи раванди таълим дар дарс, ба маҳорати омӯзгор дар ба назар гирифтани азхудкунии воқеии маводи барномавии хонандагон, инчунин ба хусусиятҳои фардии ҳар як хонанда вобаста аст. Шавку хавас ба омӯзиш на танҳо бо кори мустақилона, балки бо меҳнати эҷодӣ, ҷустуҷӯй, татбиқи дониш дар вазъияти нав, истифодаи воситаҳои аёнӣ ва таъсири эмотсионалӣ низ мусоидат мекунад.

Ҳангоми интихоб ва сохтани супоришҳои тафриқавӣ барои омӯзгори забони хориҷӣ зарур аст, ки бо омӯзгорони фанҳои дигар суҳбат карда, аз шавқу завқи хонандагон маълумот пайдо кунад. Ҳангоми назорати фаҳмиши матн гуруҳи асосии хонандагон (бо сатҳи миёнаи омодагӣ) метавонанд оид ба матн саволҳо гиранд, ки ҷавоб ба онҳо мазмуни матнро ба таври муфассал баён мекунад.

Дар ин фасли кор дар бораи имкониятхои ташкилии инфиродикунӣ ва тафриқаи кори таълим мухтасар баён карда шудааст. Инфиродикунии кори таълимӣ метавонад дар се шакл сурат гирад: фронталӣ, гуруҳӣ ва мустақилона.

Кори инфиродӣ имкон медиҳад, ки мазмун, дараҷаи душвории вазифаҳои таълимӣ, усулҳои амал фарқ карда шавад ва барои ташаккули услуби инфиродии фаъолият шароити мусоид фароҳам меорад. Дар айни замон намудҳои асосии машқҳои инфиродӣ муайян карда шудаанд, ки онҳо имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои намудҳои инфиродии талабагон дурусттар ба хисоб гирифта ва ислоҳ карда шаванд.

Барои он ки ҳар як хонанда дар дарси забони англисӣ ҳарчи бештар заҳмат кашад, эътимод ба худ дошта бошад, аз омӯзиш шодӣ ҳис кунад, маводи барномавиро бошуурона ва устуворона аз худ кунад, дар рушд пешрафт бошад, муаллим кӯшиш мекунад, ки раванди таълимро дар дарси забони англисӣ аз рӯи принсипи муносибати инфиродӣ ташкил намояд.

Раванди таълими тафриқаро дар синф чӣ тавр ташкил кардан мумкин аст? Муаллим ин корро ба якчанд давра таксим мекунад.

***Тайёрӣ***

Омӯзиши хусусиятҳои фардии хонандагон - ҷисмонӣ, руҳӣ ва шахсӣ. Аз ҷумла, хусусиятҳои фаъолияти равонӣ ва ҳатто шароити зиндагии оила. Барои ин мо аз мушоҳидаҳои шахсӣ, саволномаҳо, мусоҳибаҳо бо волидон истифода бурда, инчунин ба натиҷаҳои ташхиси равоншиносон такя кардем.

***Асосӣ***

Муайян кардани гуруҳҳои алоҳидаи донишҷӯён, ки дар онҳо фарқ мекунанд:

- сатҳи гуногуни азхудкунии мавод дар айни замон;
- дарачаи самаранокӣ ва суръати кор;
- хусусиятҳои дарк, хотира, тафаккур;
- мувозинати равандҳои ҳаяҷон ва монеъшавӣ.

***Ҷамъбастӣ***

Ҷамъоварӣ ё интихоби вазифаҳои фарққунанда, аз ҷумла усулҳои гуногуне, ки ба хонандагон барои мустақилона аз уҳдаи иҷрои вазифа кӯмак мерасонанд, ё бо афзоиши ҳаҷм ва мураккабии супориш алоқамананд. Назорати доимии натиҷаҳои фаъолияти хонандагон, ки мувофики он характери вазифахои тафриқавӣ тағйир меёбад.

Ҳар яке аз ин марҳилаҳо ба таври худ душвор аст. Мо дар марҳилаҳои гуногуни дарс фарқиятро истифода мебарем. Намудҳои вазифаҳои дифференсиалӣ аз ҳадафи гузоштаи муаллим вобаста аст. Дар марҳилаи санҷиши вазифаи хонагӣ мо усулҳоеро истифода мебарем, ки ин марҳилаи

дарсро ба машғулияте, ки ба хонандагон писанд наомадааст, пешгирӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ дар назди худ вазифаҳои мураккаби гуногунро мегузорад, ки истифодаи онҳо муносибати инфиродӣ ва тафриқавии таълими забони англисиро ба хонандагон самараноктар мегардонад.

**Дар фасли сеюми** ин боб **“Истифодаи таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар дарсҳои забони англисӣ - воситаи ташаккули шахсияти хонандагон”** баррасӣ шуд.

Инфиродикунонии таълимро аз рӯи параметрҳои гуногун амалӣ кардан мумкин аст. Аввалан, ҳар як хонанда барои аз худ кардани маводи таълимӣ вақти гуногун сарф мекунад ва ин вақт барои ҳар як кӯдак дар ёд кардани матн инфиродӣ аст. Ҳангоми додани чунин вазифаи хонагӣ, одатан онро назорат мекунанд, то кӯдакон тасаввуроти тахминӣ дошта бошанд, ки барои иҷрои вазифаи муайян ё такрори матн чӣ қадар вақт лозим аст. Ин барои синфҳои 8-11 дахл дорад, вақте ки наврасон аллакай дар бораи имкониятҳои худ тасаввурот пайдо кардаанд ва ҳисси вақтро инкишоф додаанд. Пас аз пурсиши вазифаи хонагӣ, бори дигар дар бораи вақти сарфшуда пурсида ва хонандагонро бо раванди хотираи сусттар таъкид намудан лозим аст.

Барои ин кӯдакон, муҳлати иҷрои супориш дигар мешавад ва аксар вақт, ин гуна кӯдакон маводро хеле мустаҳкамтар ва муддати тӯлонӣ меомӯзанд. Бо ин роҳ, хонандагон худро нотавон ҳис намекунанд ва ҳавасмандӣ кам намешавад. Ғайр аз ин, муҳлатҳои иҷрои корҳои калон, аз қабили лоиҳаҳо, тестҳо, матнҳои хониши хонагӣ пешакӣ эълон карда мешаванд, то ки ҳар як кӯдак миқдори оптималии вақти тайёриро интихоб кунад.

Параметри дуюми фардикунонии таълим ин миқдори маводи таълимие мебошад, ки барои азхудкунӣ лозим аст, ки он низ метавонад гуногун бошад. Низоми тафриқавии миқдори кори хонагӣ тартиб дода мешавад. Хамин тавр, хонандагон мувофиқи қобилият ва имкониятҳои худ доираи супоришро худашон муайян мекунанд. Аксарияти хонандагон ба баландтаринҳо мерасанд ва орзую иқтидори худро бомуваффақият амалӣ мекунанд.

Дар бораи параметри “мазмун” сухан ронда, дар бораи кор бо хонандагони болаёқат таваққуф кардан лозим аст. Маълум аст, ки бачагони боистеъдоде ҳастанд, ки дар мусобиқаҳои гуногун натиҷаҳои баланд нишон медиҳанд, вале ба кори илмӣ тамоман майл надоранд ва баръакс. Вазифаи мо, ҳамчун муаллим аз он иборат аст, ки қобилияти хонандаро барои

фаъолияти пуртаҷриба, дарозмуддати таҳқиқотӣ, қобилияти таҳлил, хулоса баровардан ва ҷамъбаст кардани онҳо ба назари эътибор бояд гирем.

Имрӯз, аз бисёр ҷиҳат, таълим, аз ҷумла омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба хонандагони синни миёнаи мактабӣ нигаронида шудааст. Дар амал ба хусусиятҳои инфиродии хонанда, ба хусусиятҳои дарки мавод, суръати азхудкунии он, дараҷаи инкишофи хонанда, мақсад ва шавқу ҳаваси вай диққат дода намешавад.

Дар раванди таълим фардикунонии таълим ва шакли тафриқавии кор бо хонандагон асоси татбики принсипи муносибати инфиродӣ мебошад. Ҳамин тариқ, шабоҳати падидаҳои омӯхташаванда дар он аст, ки раванди таълим ба шахсияти хонанда, ба хусусиятҳои инфиродии маърифатӣ ва равонии ӯ нигаронида шудааст ва фарқияти асосӣ дар он аст, ки ҳангоми фардикунонӣ таъсири омӯзгор ба ҳар як хонандаи мушаххас ва ҳангоми фарқият ба гуруҳҳои хонандагон аз рӯи хусусиятҳои муайян ташкил карда мешавад.

**Дар боби сеюми** диссертатсия “**Самаранокии технологияи ташкили муносибати инфиродӣ- тафриқавӣ дар таълим**” мундариҷа ва ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баррасӣ гардида, технологияи ҳамгирои таълими инфиродӣ-тафриқавӣ тавсиф шудааст ва натиҷаҳои самаранокии технологияи ташкили муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ дар таълими хонандагон пешниҳод гардидаанд.

Дар фасли якуми ин боб “**Мундариҷа ва ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**” раванди татбиқи низоми таълими инфиродӣ-тафриқавии (ТИТ) забони англисӣ дар гимназияи №4-и ш.Хуҷанд тавсиф ёфт, ки бо такя ба намунаи Мактаби фардо ҷорӣ гардидааст.

Ин барнома низоми чудонашавандаи раванди таълим буда, тамоми масъалаҳои мубрамро маҷмӯан ва қариб пурра ҳал мекунад, ки дар ягон технологияи инноватсионии дигар вуҷуд надорад.

Дар ин фасл хусусиятҳои барномаи мазкур муфассал баррасӣ шуданд, ки амсилаи нави таълимии ба шахсият нигаронида буд, стандарти асосии қатъӣ дар он ҳаҷму сифати азхудкунии маводи таълим, яъне натиҷаи он аст. Ба ҳар як сатҳ хусусиятҳои умумии низоми мазкур хос буда, мақсаду вазифаҳои он; хусусиятҳои мундариҷаи таълим ва усулҳои сохторӣ; шаклҳои ташкили таълим; дастгирии педагогиро дар ин сатҳ инъикос менамояд.

Мо дар назди худ вазифа гузоштем, ки сатҳи омодагии хонандагон ва нерӯву иқтидори онҳоро на аз рӯи ҳамсиннусолӣ, балки аз рӯи арзёбии дониши воқеӣ ва ошкор кардани қобилиятҳои ниҳонӣ то ҳадди имкон дақиқ муайян кунем. Мактаби фардо дорои 11 сатҳи академӣ мебошад, ки тақрибан ба 11 соли таҳсил (яъне, синну соли низоми анъанавии мактаб) мувофиқат мекунанд, аммо мустақим ва ҳатмӣ нестанд.

Тамоми маводи таълимӣ ба 6 қисмати (блок) калон - сохтори калима (морфология, этимология, таркиби луғавӣ), забон (грамматика, синтаксис), адабиёт ва нутқи хаттӣ, илмҳои ҷомеашиносӣ, табиатшиносӣ, математика ҷудо мешавад. Онҳо ҳадди ақалли таҳсилоти умумиро ташкил медиҳанд.

Воҳидҳои таълимиро, ки онҳоро мавзуъҳо, модулҳо, блокҳо ё мувофиқи истилоҳоти Мактаби фардо - қадамҳо номидан мумкин аст, пайваста ё дукарата рақамгузорӣ метавон кард, ки ҳамсиннусолӣ ва шумораи тартибии мавзуъро инъикос мекунанд.

Дар идома равиши рақамгузорӣ мувофиқи амсилаи мазкур муфассал баррасӣ гардида, аҳамияти он барои равшан фаҳмидани дониши воқеии бачагон вобаста ба синну сол таъкид гардидааст.

Барномаи Мактаби фардо мақсади таълимро барои ташаккули шахсият талқин карда, ҳуқуқи шахсро барои фардият дар ҳама чиз, аз ҷумла суръати кор, суръати азхудкунӣ, роҳҳу воситаҳои дарк, навъи хотира, навъи афзалиятноки тафаккур ва ғайра пайваста эътироф мекунад.

Ҳамчунин принсипҳои таҳияву пешниҳоди маводи таълим, хусусиятҳо ва аҳамияти ташкили дафтари корӣ, нақши омӯзгор дар роҳбарии таълимӣ ба хонанда, низоми назорат, ҳавасмандкунӣ, таҳлил ва ислоҳкунӣ муфассал тавсиф гардиданд.

Хусусияти фарққунандаи технологияи Мактаби Фардо дар он аст, ки давраи махсуси омодагиро пешбинӣ мекунад ва хонандагонро бо мавқеи аслан барояшон нав - субъекти фаъоли раванди таълим шинос менамояд.

Вобаста ба мақсади барнома самти асосии фаъолияти гимназия таҳия гардида, татбиқи технологияи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ дар заминаи ҳамгироии технологияҳои нави таълим: таълими инфиродӣ (Мактаби Фардо, Д. Ховард, ИМА), рушди таҳсилот (В.В.Давидов, Д.Б.Элконин, Русия), омӯзиши босуръати коммуникативӣ (Г.Лозанов, Булғористон; Г.А.Китайгородсева, Русия), омӯзиш дар асоси амсилаҳои схемавӣ ва рамзии маводи таълим (У. Зубайдов, Тоҷикистон), таҳияи раванди таълим

(В.Монахов, Русия) ва ғайра анҷом дода шуд (ниг. ба ҷадвали №6 дар матни дисс. ).

Азбаски технологияи татбиқшаванда тағйироти куллиро дар тамоми системаи педагогии гимназия дар назар дошт – дар ташкил ва мундариҷаи маводи таълимӣ, мавқеи хонанда ва омӯзгор дар дарс, муайян кардани стандартҳо, меъёрҳои арзёбӣ ва ғайра, бояд тамоми низоми идоракунӣ аз ҷиҳати сохту ташкил бояд ба талаботи нави шароити афзоиши суръати навовариҳо мувофиқ бошанд.

Дар заминаи он, ки равандҳои инноватсионӣ дар гимназия ба таври муназзам, пайгирона, дар доираи барномаи ягонаи амалӣ, бо фарогирии тамоми ҷузъҳои зарурӣ аз соли таҳсили 2018-2019 шуруъ гардид, тадбирҳои мушаххасе амалӣ шуданд, ки барномаи воқеии такмили ихтисоси омӯзгоронро ташкил медиҳанд. Дар дохили мактаб курсҳои омӯзишӣ дар мавзуъҳои “Стандартҳо”, “Меъёрҳои арзёбӣ”, “Намуду навъҳои санҷиш ва баҳодиҳии дониши хонандагон”, “Ҷузъҳои раванди таълим”, “Мазмун ва мақсадҳои раванди таълим”, “Моҳият, принсипҳо ва сохтори фаъолияти мустақили таълимии хонандагон”, “Сохтор ва мундариҷаи фаъолияти равонии хонандагон” ва ғ. ташкил карда шуданд.

Ҳамчунин, хадамоти методӣ ва психологӣ, гуруҳҳои эҷодӣ, лабораторияҳои педагогӣ ташкил шуда, барои фаъолияти чунин гуруҳҳо аз рӯи принсипи вазифаҳои ягона, дар баробари амалисозии лоиҳаҳои махсус, кафедраи забонҳои хориҷӣ, иттиҳодияи методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, Ҷамъияти илмии хонандагон ва омӯзгорон, комиссияи экспертӣ, ки ба он ҳамаи методистони гимназия, равоншинос ва маъмурият шомиланд, ҳамчун як сохтори алоҳидаи лоиҳавӣ ташкил карда шуданд.

Ҳамин тавр, маъмурияти гимназия барои фароҳам овардани муҳити созгоре кӯшиш кард, ки ба шарти равона кардани самти кор ба тамоюлҳои рушд, тарҳрезии тағйироти оянда, истифодаи қувваи корӣ дар асоси таҳлили бомулоҳиза, таъмини татбиқи мунтазами навовариҳо бо назорати дақиқ, дастгирии фаъолона ва ҳавасмандгардонии ташаббуси эҷодӣ имконпазир буд.

**Дар фасли дуюми** ин боб “**Технологияи ҳамгирои муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагон**” тавсиф шудааст.

Барои коркарди ғояҳо оид ба технологияи ҳамгирошудаи таълими инфиродӣ-тафриқавӣ ғояҳои ҷолиби харитаҳои академик У.Зубайдов истифода шуда, асоси лоиҳаҳои таълимӣ ва харитаҳои мавзӯии дар гимназия

таҳияшударо ташкил доданд. Вобаста ба ин, дар самти муназзам намудани худи барномаи таълимӣ дар шакли лоиҳаи академӣ корбарӣ анҷом дода шуда, татбиқи харитаҳои технологӣ, таҳияи корти мақсадҳо амалӣ гардид; суръату сифати кори иҷрокардаи ҳар як хонанда таҳлил гашта, муҳлату сифати корҳои таълимии минбаъдаи ӯ муайян карда шуданд.

Ҳангоми ташаккул додани сатҳи асосии мундариҷаи таълим мо муқаррароти зеринро ба назар гирифтем:

1) зарурати нигоҳ доштани асосҳои идеологии фанни таълимӣ дар барномаҳои таҳияшаванда; 2) таъмини маводи дастрас ба хонандагон тавассути ихтисори бурдани мавзӯъҳое, ки барои онҳо номафҳум ва ғайриасосианд; 3) таъмини сатҳи таҳсилоте, ки барои идомаи таҳсил дар ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, донишгоҳҳо имкон медиҳад.

Вобаста ба ҳаҷми вазифаи роҳбарикунандаи омӯзгор дар ин раванд ду давраи ташаккули таҷрибаи инфиродӣ (азхудкунии иттилооти таълимӣ) муайян карда шудааст:

1. Давраи ташкили ибтидоии таҷрибаи инфиродӣ, ки иштироки бевоситаи (шахсии) омӯзгорро дар фаъолияти таълимии хонандагон, ташкили ҳар як қадами онҳоро дар тамоми марҳалаҳои азхудкунии иттилооти таълимӣ (дарк, коркард, ҷамъбаст) талаб мекунад. Дар ин давра худи омӯзгор бояд ба хонандагон хатоҳои онҳо, сабабҳои онҳоро нишон диҳад, бояд пешгирии ин хатоҳоро шарҳ диҳад.

2. Давраи худтанзимкунӣ, ки иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор дар раванди ташаккули дониши хонандагон дигар зарур нест, аммо таъсири ғайримустақими ӯ ба мақсад мувофиқ аст. Ин таъсироти ғайримустақим дар раванди кори мустақилонаи хонандагон тавассути сохтор ва мундариҷаи маводи таълиме амалӣ карда мешаванд, ки бояд азхуд гардад. Дар ин давраи таҳсил бояд ба хонандагон супоришҳои инфиродӣ дода шуда, сохтор ва мундариҷаи онҳо мураттаб шаванд, то фаъолияти ғайримустақими омӯзгор тавассути он татбиқ гардад.

Ташаккули мақсадҳои зарурӣ, муносибати арзишӣ ва майлу хоҳиш ба ин навъи кори таълимӣ бояд дар низоми идоракунии кори инфиродии хонандагон мавқеи муҳимро ишғол намояд.

Дар доираи ин фасл махсусияти таҳияи барномаҳо дар панҷ сатҳи мураккабӣ баррасӣ гардида, меъёрҳои коркарди супоришҳо вобаста ба сатҳҳо муайян шуданд. Ҷиҳатҳои гуногуни хоси инфиродигардонӣ тавсиф шуданд: супоришҳои мушаххас барои кори инфиродӣ, машғулиятҳои факултативӣ,

ташкилу баргузор намудани курсҳои махсус, назардошти таҳрики рушди ташаббуси хонандагон, гузаронидани семинар-таълимҳо, таҳияи харитаҳои академии синфҳо (хонандагон), нақшаҳои тақвимии таълимӣ, гузаронидани машваратҳои инфиродӣ, таҳия ва татбиқи низоми назорат ва ғ.

Дар идома навъҳои назорати рафти азхудкунӣ ва ислоҳи он муфассал зикр гардида, таъкид гардидааст, ки қисми ислоҳкунӣ аз се бахш иборат буда, на бештар 3 бозгаштро ба маводи омӯхташуда дар назар дорад.

Дар низоми рейтинг аломатҳои муқаррарии А (шартан “3”), С (шартан “4”), О (шартан “5”) истифода шуд. Корбурди фоиз (%) ё низоми холҳо, ки дар он сатҳи сифатро дақиқтар муайян кардан имкон дорад, мувофиқи мақсад шуморида шуд (Ҷадвали № 7).

**Ҷадвали №7. Низоми баҳодиҳии сатҳи сифат**

| % | 94-100 | 88-93 | 80-87 | 55-79 | 40-54 | 39 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| холҳо | 9-10 | 7-8 | 5-6 | 3-4 | 2 | 5.1 |
| баҳоҳо | 5 | 4 | 3 | 2 | 1 | 0 |
| сифат | аъло | хуб | қаноатбахш | бояд коркард шавад | ғайри қаноатбахш | дониши зарурӣ вуҷуд надорад |

Барои санҷишҳои муқаррарӣ тестҳои пешрафт таҳия гардиданд. Ҳамчун нуқтаи ибтидоии ташкили санҷиши тестӣ ду қонунияти назарияи таълим хизмат карданд: якум, муайян кардани дараҷабандии сатҳҳои азхудкунӣ; дувум, назардошти он, ки фаъолият дар ҳар сатҳ танҳо бо азхудкунии маълумоти дахлдори таълимӣ алоқаманд аст. Онҳо чунин шаклҳои супоришҳоро пешниҳод мекунанд, ки фаҳмиши хонандагонро оид ба сатҳи заруриі иҷро, намуди донишҳо ва андозаи амаликунии онро таъмин карда метавонанд.

Барои назорати сифати ташкил ва банақшагирии фаъолияти хонандагон аз рӯйи супоришоти инфиродӣ мунтазам ташкил намудани пурсишнома (анкета) низ муҳим мебошад.Аз рӯйи натиҷаҳои саволнома аҳамияти ин ё он навъи супоришҳои инфиродӣ, шаклҳои корҳои ташкилӣ, дурустӣ ва аҳамияти онро дар раванди таълим муайян кардан мумкин аст.

Дар охир масъалаи муайян намудани мазмуну мундариҷаи (андоза ва шакл) супоришоти инфиродӣ ва сатҳи фаъолияти барои иҷрои онҳо зарур бояд ҳал шавад. Ин ҷо, чунонки таҳлилҳо нишон медиҳад, ба фаҳмиши зерин такя кардан мувофиқи мақсад аст: Ҳар як хонанда дар охири таҳсил бояд

донишҳоро мувофиқи барнома фаро гирад. Ҳамчунин, мазмуну мундариҷаи супоришҳои инфиродӣ бояд қисме аз мундариҷаи мавзӯъҳо ва ё худ бахши фанни таълимиро дарбар гирад. Хусусияти пешниҳоди мазмуни супоришот, ҳаҷми он, сохт ва фаъолияти барои иҷрои он зарурӣ бояд аз ҷониби омӯзгор бо назардошти хусусиятҳои инфиродии хонандагоне муайян ва пешниҳод гардад, ки супоришҳо маҳз барои онҳо тартиб дода шудаанд. Зимнан бояд дараҷаи иштироки бевоситаи омӯзгор барои роҳбарӣ ба фаъолияти маърифатии хонандагон муайян гардад.

Ҳамин тавр, амалисозии талаботи таҳияшуда имкон медиҳад, то фаъолияти хонандаро оид ба иҷрои супоришҳои инфиродӣ қисми низоми корҳои мустақилона шуморем, ки дар навбати худ, қисме аз раванди таълим аст. Тамоми ин раванд ба низоми мониторинги омӯзгорӣ ворид гардид (Ҷадвали № 8).

**Ҷадвали №8. Низоми мониторинги педагогӣ**




**Дар фасли сеюми** ин боб “**Натиҷа ва самарабахшии технологияи ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагон**” тавсиф ёфт.

Воситаи муҳимтарини муносибати инфиродии хонандагон таълими тафриқа ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи бархе аз олимон ҳамон раванди таълим тафриқавӣ ҳисобида мешавад, ки “барои он ба назар гирифтани фарқиятҳои маъмули инфиродии хонандагон хос бошад” [9]. Дар раванди фаъолияти

таълимӣ бо хонандагон ду меъёри мавҷудаи таълими тафриқавиро ба кор бурдан ба мақсад мувофиқ аст: равшаниандозӣ ва омӯзиш.

Мутахассисони соҳаи илми психология чунин ақида меронанд, ки , равшаниандозӣ ин натиҷаи омӯзиши пешинае ба ҳисоб меравад, яъне он аломатҳои рушди равандҳои психикии хонандаест, ки то ин дам дар ӯ ташаккул ёфта буд. Аломатҳои равшаниандозӣ ба сифати дараҷаи азхудкунии дониш, бавуҷуд овардани маҳорату малака чун: идрокнамоӣ, ҷамъбасткунӣ, роҳу усулҳои ба даст овардани онҳо, метавонад хизмат кунад.

Дар асарҳои илмии олимон – педагогони маъруф Б.Г.Ананев, Н.А.Менчинская, З.И.Калмикова, А.К.Маркова ва дигарон мафҳуми “омӯзиш” мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. “Омӯзиш ҳамчун қудрату тавоноии маърифатии хонанда ба азхудкунии донишҳои нав ва методҳои ба даст овардани онҳо, омодагӣ ба гузаштан ба сатҳҳои нави рушди ақлӣ” (А.К.Маркова), “ҳамчун мутаносибии хусусиятҳои зеҳнии шахсият, ки муваффақияти таълим дар ҳама шароити баробар аз он вобаста будан, шарҳ дода мешавад” (З.И. Калмикова) [7].

Таълими тафриқавӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ – ин шакли раванди таълимие ба ҳисоб меравад, ки дар он хусусиятҳои инфиродии хонандаи алоҳида ҳангоми ташкили корҳои омӯзишӣ дар раванди дарс, дар синфи конкретӣ ба назар гирифта мешаванд, яъне хонандагони дорои дараҷаи гуногуни равшаниандозӣ махсус ба гуруҳҳои таълимии “A”,“B”,“C” аз рӯи нишондиҳандаҳои зерини инфиродӣ иттиҳод карда мешаванд:

Ба гуруҳи “A” хонандагони дорои ҳавасмандиашон баланд, хонандагони болаёқат муттаҳид карда мешаванд, ки онҳо ба осонӣ уҳдадориҳои ҷавобгӯи Стандарти таҳсилотро ба иҷро мерасонанд.

Ба гуруҳи “B” хонандагони ҳавасманд муттаҳид карда мешаванд, ки фанни таълимиро бо хубӣ аз худ мекунанд, аммо баъзан – баъзан ҳангоми иҷрои ин ё он амалҳои кори санҷишии ба Стандарти таҳсилот ҷавобгӯ ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Ба гуруҳи “C” бошад хонандагони “ҳавасмандиашон паст” муттаҳид карда мешаванд, ки бештарашон кӯшиш ба омӯхтани фанни таълимиро надоранд ё умуман ягон чиро аз худ намекунанд.

Ба меъёрҳои интихоби хонандагон ба ин ё он дараҷа (гуруҳҳои “A”, “B”, “C”) натиҷаҳои санҷиши тестие, ки ба мавод, вазифаҳо ва талаботи сатҳи зхудкунии забони англисӣ дар зинаҳои алоҳидаи таълим асос ёфтаанд, хизмат мекунад.

Дар раванди омӯзиш хоҳиши ҳар як хонандаро ба назари эътибор гирифтан ҳатмист, агар хонанда хоҳад, ки аз гуруҳи “C” (аз рӯи тақсимбандии муаллим, дар асоси натиҷаҳои санҷиши тестӣ) ба гуруҳи “B” гузарад, бояд ба ӯ шароит фароҳам оварда шавад, аммо на баръакс.

Ба хонанда дар раванди омӯзиш бояд имконият дода шавад, ки ҷавобгарии мустақилона муайян кардани дараҷаи азхудкунӣ ва мураккабии маводи таълимиро вобаста ба ниёзҳои инфиродии худ ба дӯш гирад, чунки ин ба ҳавасмандии омӯзиш ба забони англисӣ таъсири амиқ хоҳад расонд, аммо набояд ҳеҷ гоҳ аз рӯйи кина ба кам кардани қобилияти донишазхудкунии онҳо иҷозат дода шавад.

Вазифаи басо муҳими таълими тафриқавӣ - инфиродӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ ин қаноатманд гардонии эҳтиёҷоти маърифатии ҳам хонандагони дорои дараҷаи баланд ва ҳам дорои дараҷаи паст бо ба инобатгирии омодагӣ ва хусусиятҳои инфиродии ҳар яки онҳо ҳисобида мешаванд.

Ҳамин тавр, инфиродикунонии раванди таълим метавонад дар се шакл ташкил карда шавад: фронталӣ, гуруҳӣ ва инфиродӣ.

Дар шакли фронталии кор муаллим аввал матни дорои мураккабии гуногунро ба таври баёни шифоҳӣ пешкаш мекунад, яъне аввал маводро соддатар баён карда, сипас онро мураккаб мегардонад, суҳбати муқаддимавӣ мегузаронад, ки дар он хонандагонро ҳушдор медиҳад, ки муаммо созанд ва ба ин васила дониши худро бо назардошти фарқияти хусусиятҳои инфиродӣ дар бозии нақшофарӣ, муҳокимарониҳои аз барнома берун нишон диҳанд.

Дар раванди таълим кори гуруҳӣ бо мақсади фаъолгардонии хонандагон ба омӯзиш истифода бурда мешавад. Дар гуруҳи хурд кор карда истода, хонанда метавонад андешаи худро баён кунад, дар муайянкунии вазифаҳои таълимӣ мувофиқ ба майлу рағбат ва лаёқатҳои худ ба таври фаъол иштирок кунад.

Дар раванди таълим аз тарафи муаллим ба вуҷуд овардани муносибати тафриқавии дохилисинфӣ якчанд марҳиларо фарогир мебошад:

1. Амиқ намудани андозае, ки дар асоси он хонандагон барои кори тафриқавӣ ба гуруҳҳо ҷудо карда мешаванд.
2. Аз рӯйи андозаи амиқкардашуда, гузаронидани ташхис.
3. Вобаста ба натиҷаи ташхиси гузаронидашуда, ба гуруҳҳо ҷудо кардани хонандагон.

4. Барои ташкили гуруҳҳои хонандагон, таҳия намудани супоришҳои дорои дараҷаи гуногун, интихоби шакли тафриқа.

5. Ба хонандагон роҳандозӣ намудани таълими тафриқавӣ дар марҳилаҳои гуногуни дарс.

6. Дар мувофиқа бо он, ки қисмати гуруҳҳо ва хосияти вазифаҳои муносибати тафриқавӣ, ки метавонад тағйир ёбад, назорати ташхисӣ бурдани кори хонандагон.

Дар раванди омӯзиш усулҳои тафриқавӣ метавонанд бо ҳам омехта шаванд ва ба хонандагон аз рӯйи хосташон вазифаҳо пешниҳод карда шаванд:

1. Вобаста ба дараҷаи эҷодкорӣ тафриқасозии вазифаҳои таълимӣ. Ин навъи тафриқасозӣ фарқ кардани хусусияти раванди маърифатии хонандагонро дар назар дорад, ки метавонад ба ёдоварӣ ё эҷодӣ бошад. Ба вазифаҳои ба ёдоварӣ мансуб дониста мешаванд: аз қабили посух гардонидан ба саволҳои мавзуъҳои хуб азхудкардашуда. Дар ин ҳангом аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки дониши гирифтаро боз такрор карда онро дар вазъияти шинос истифода баранд, аз рӯйи намунаи муаллим кор кунанд, вобаста ба мавзуъ машқҳоро иҷро кунанд. Ба вазифаҳои эҷодӣ машқҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки аз машқҳои стандартӣ фарқ мекунанд. Дар ин вақт хонандагонро лозим меояд, ки дониши андӯхтаи худро дар вазъияти дигар ё барои ӯ ношинос истифода баранд, амалҳои фикрӣ (тартиб додани ҷумла вобаста ба мавзуъ), натиҷаи нав (тартиб додани ҷумла бо истифода аз калимаҳои додашуда) эҷод кунанд. Дар натиҷаи ин кор дар вазифаҳои эҷодӣ, хонандагон таҷрибаи фаъолияти эҷодкориро ба даст меоранд.

Дар раванди омӯзиш, муносибати тафриқавӣ бо роҳу усулҳои гуногун ташкил карда мешаванд. Дар бештар маврид ба хонандагони дорои дараҷаи пасти омӯзишӣ супоришҳои ба ёдоварӣ ва ба хонандагони дорои дараҷаи миёна ва ба дараҷаи баланд бошад супоришҳои эҷодӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар баробари ин ба ҳамаи хонандагон супоришҳои эҷодӣ пешниҳод кардан мумкин аст. Аммо дар ин вақт ба хонандагони дараҷаи пасти омӯзиш дошта ҳамон вазифаҳое бо асосҳои эҷодӣ дода мешаванд, ки дар иҷрои онҳо донишро дар вазъияти дигаршуда истифода бурда тавонад барои дигарон бошад вазифаҳои эҷодӣ барои истифода бурдани дониш дар вазъияти нав дода мешавад.

2. Тафриқасозии вазифаҳои таълимӣ вобаста ба дараҷаи мураккабӣ. Чунин тарзи тафриқасозӣ шаклҳои зерини мураккабии вазифаҳоро барои хонандагони дорои дараҷаи баланди омӯзиш пешбинӣ мекунад:

- мураккаб кардани маводи омӯзиш: масалан, дар супориш барои гуруҳҳои 1 - ум ва 2 - юм вазифаҳо бо истифода аз як замони грамматикӣ ва барои гуруҳи 3 – юм бошад ду ё зиёда замони грамматикӣ истифода мешаванд;

- зиёд намудани ҳаҷми маводи омӯхташуда: зиёд шудани миқдори марҳилаҳои супоришҳо, кори мустақилона оид ба омӯзиши мавзуи мушаххас;

- ба иҷро расонидани амали муқоиса дар илова ба вазифаи асосӣ: муқоисаи замонҳои Present Simple ва Present Continuous, системаи маорифи Тоҷикистон ва Бритониёи Кабирро муқоиса кардан;

- истифодаи вазифаи бархилоф ба ҷои вазифаи маъмул.

3. Тафриқасозии вазифаҳо вобаста ба ҳаҷми маводи таълимӣ. Ин тарзи тафриқасозӣ пешбинӣ мекунад, ки хонандагони гуруҳҳои 2 - юм ва 3 - юм ғайр аз вазифаи асосӣ боз вазифаи иловагиро низ иҷро мекунанд, ки ба вазифаи асосӣ монандӣ дорад.

Зарурати тафриқасозӣ намудани вазифаҳо вобаста ба ҳаҷм ба суръати гуногуни кори хонандагон вобастагӣ дорад. Хонандагони сустхон ва ҳамзамон хонандагони дорои дараҷаи пасти омӯзиш одатан ҳангоми гузаронидани санҷиши фронталӣ барои иҷрои кори мустақилона вақташон намерасад ва барои ин, онҳо вақти иловагӣ талаб мекунанд. Дигар хонандагон вақти иловагиро барои иҷрои вазифаи алоҳида сарф мекунанд, ки барои ҳамаи хонандагон иҷрои он ҳатмӣ нест.

Аз рӯйи қоида, тафриқасозӣ вобаста ба ҳаҷм бо дигар тарзҳои муносибати тафриқавӣ якҷоя карда мешавад. Дар якҷоякунии тарзҳои тафриқасозӣ ба сифати иловагӣ вазифаҳои эҷодӣ ё мураккаб, ҳамчунин вазифаҳое, ки вобаста ба мундариҷаи маводи омӯзиш бо вазифаи асосӣ алоқамандӣ надошта пешниҳод карда мешаванд. Супоришҳои иловагӣ метавонанд вазифаҳои зеҳнӣ, ғайристандартии хусусияти бозидошта бошанд. Чунин вазифаҳоро ба хонандагон бо истифода аз пешниҳод намудани супоришҳо дар шакли варақаҳои бурида, сканвордҳо ва тестҳои шавқовар оид ба кишваршиносӣ метавон инфиродӣ кард.

4. Тафриқасозии фаъолияти таълимӣ вобаста ба сатҳи мустақилияти хонандагон. Дар чунин тарзи тафриқсозӣ дар супоришҳои таълимӣ барои

гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон фарқият пешбинӣ карда намешавад. Дар ин ҳолат тамоми хонандагони синф машқҳои якхеларо иҷро мекунанд, аммо баъзе аз онҳо таҳти роҳбарии муаллим иҷро мекунанду баъзеи дигар мустақилона машқро иҷро мекунанд. Чун одат чунин кор ба таври зерин ба роҳ монда мешавад. Дар марҳилаи ташкилӣ, хонандагон бо муҳтавои супориш шинос шуда, маъно ва тарзи иҷрои онро ҷустуҷӯй мекунанд. Баъдан, баъзе хонандагон ба таври мустақилона ба иҷро расонидани супориш майл мекунанд, дигарон бо кӯмаки муаллим тарзи ҳалли муаммо ё намунаи пешниҳодшударо таҳлил карда, машқро қисм - қисм иҷро мекунанд. Ин одатан, барои қисми алоҳидаи хонандагон, ки мустақилона ба кор шуруъ кунанд басанда аст. Он хонандагоне, ки дар иҷрои супориш ба душворӣ дучор мешаванд (одатан хонандагони гуруҳи 1 -ум яъне, хонандагони дорои дараҷаи пасти омӯзиш), ҳамаи вазифаҳоро бо роҳбарии муаллим иҷро мекунанд. Дар охир аз рӯйи иҷрои супориш марҳилаи санҷишӣ гузаронида мешавад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки сатҳи мустақилиятнокии хонандагон гуногун аст. Дар раванди омӯзиш ба гуруҳи 3 - юм кори мустақилона, ба гурӯҳи 2-юм кори ниммустақил ва ба гуруҳи 3 – юм кори фронталӣ бо роҳбарии муаллим пешниҳод карда мешавад. Худи хонандагон муайян менамоянд, ки дар кадом маврид бояд мустақилона ба иҷрои вазифаи пешниҳодшуда шуруъ кунанд. Онҳо метавонанд дар вақти зарурӣ, ба кор таҳти роҳбарии муаллим баргарданд.

5. Тафриқасозии кор вобаста ба хусусияти кӯмак ба хонандагон. Ин навъи усул, бо фарқшавандагӣ аз тафриқасозии сатҳи мустақилиятнокӣ, фароҳам овардани кори фронталиро бо роҳбарии муаллим пешбинӣ намекунад. Хонандагон бо тезӣ ба иҷрои кори мустақилона майл мекунанд. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона ба хонандагоне, ки ба душворӣ дучор мешуданд, кӯмаки амалӣ расонида мешавад.

Муносибати тафриқавӣ - ин асоси низоми омӯзиши инфиродӣ буда, имкон медиҳад, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар як хонанда ба назар гирифта шуда, барои рушд додани имкониятҳои эҳтимолии ӯ бартараф кардани камбудӣ шароит фароҳам оварда шавад.

Ҳамин тавр, технологияи муносибати тафриқавӣ чунин назарияи системаи омӯзиш мебошад, ки хонандагон дар асоси ягон аломат ба гуруҳҳои хурди дохили синфӣ - тафриқасозии дохилӣ ё ба синфҳои пурра, ҳатто мактаб - тафриқасозии беруна муттаҳид карда мешаванд. Ин муносибат

барои ҳамаи хонандагон азхуд кардани донишҳои асосиро кафолат дода, ҳамзамон татбиқ намудани майлу рағбат ва лаёқати худ имконият фароҳам меорад.

Муносибати тафриқавӣ ба хонандагон дар раванди дарс - ин шарти асосии омӯзиши бомуваффақияти минбаъда мебошад. Технологияи таълими тафриқавӣ, ин маҷмуи усулҳо ва шаклҳои таълим, амалиёти муайян барои ноил гардидан ба натиҷаи зарурии таълим дар гуруҳҳои алоҳидаи синф мебошад.

Мо чунин мепиндоем, ки аз кӯшишҳои худ бе ба нақша гирифтани ҳар як дарс ва ҳатто ҳар як марҳилаи он, самараи хуб ба даст овардан ғайриимкон аст. Барои ҳалли масъалаи мазкур бисёр муҳим аст, ки фақат хусусиятҳои шахсияти ҳар як хонандаро ба ҳисоб гирифта гирифта, ба инфиродикунонии шахсӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ равона карда шавад.

Таълим додани хонандагони гимназияи таҷрибавӣ дар тӯли 2 сол боиси афзоиши назарраси сифатҳои онҳо дар муқоиса бо синфҳои назоратӣ гардид. Дар оғози озмоиш синфҳо аз рӯи нишонаҳои солонаи таълими забони хориҷӣ муқоиса карда шуданд ва амалан яксон буданд.

Дар синфи назоратӣ дарсҳоро муаллимони ботаҷриба (таҷриба; кори зиёда аз 10 сол) бо тахассуси хуби педагогӣ (муаллимони категорияи 1, аммо бори вазнини таълимӣ (дар як ҳафта 12 соат)) мегузаронданд. Муаллим маҷмуи васоити таълимии самарабахшро истифода бурд, аммо бидуни таваҷҷуҳ ба сатҳи рушди хонандагони мушаххас синф ва қобилиятҳои инфиродии онҳо.

Таҳлили муқоисавӣ дар давраи озмоиш нишон дод, ки муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ имконият медиҳад, ки рушди ҳар як бача бо назардошти сатҳи ибтидоӣ ва қобилиятҳои ӯ, то 90% талафоти инфиродии вақтро дар дарс бартараф мекунад, то 100% ҳавасмандии бачагонро ба фаъолияти таълимӣ баланд мебардорад, эҷод мекунад. Шароити мувофиқ барои рушди шахсияти бачагон. Дар давраи озмоиш тақрибан 80% мушкилоти номувофиқии сатҳи таълимӣ ва синну сол ҳал шуд. Натиҷаи умумии мактаб дар охири нимаи дуюми сол 99,5% -ро ташкил дод. Сатҳи азхудкунӣ 76% -ро ташкил медиҳад, ки ин аз нақша камтар аст, аммо нисбат ба солҳои гузашта баландтар аст.

Дар байни хонандагони гимназия, инчунин афзоиши бемайлони шумораи ғолибони олимпиадаҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ, шумораи иштирокчиёни

конфронсҳои гуногун ба назар мерасад. Ин худ аз болоравии сатҳи маълумоти хонандагони мактаби таҷрибавӣ шаҳодат медиҳад.




**Расми 6. Рушди донишазхудкунии хонандагон ва таҳлили муқоисавии он дар давраи озмоиш**

Нишондиҳандаи самаранокии системаи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ метавонад динамикаи мусбии дохилии рушди ҳар як бача дар алоҳидагӣ ва дар айни замон, муваффақияти дастаҷамъонаи гимназия дар маҷмуъ бошад. Дар байни дигар чизҳо, ин барнома бачагонро ҳоло ба фазои байналмилалии таълимӣ муаррифӣ мекунад, ки онҳо дар он ҷо озодона фаъолият мекунанд.

Аз ин рӯ, илова бар натиҷаҳои муваффақонаи иштироки хонандагони гимназия дар олимпиадаи ҷумҳуриявии мактаббачагон, дар конфронсҳои ҷумҳуриявии лоиҳаҳои илмии хонандагон, дар конфронсҳои илмӣ ва амалӣ ва монанди инҳо.

Ғояи асосии модели таҳсилоти мо: ҳадафи ниҳоии таълими мактабӣ на дониш ба хотири дониш, на ҷамъ кардани маълумоти пароканда дар бораи фанҳои алоҳидаи баррасишуда, ҷудогонаи мактабӣ, балки офаридани тасвири ҳамаҷонибаи олам ва огоҳӣ аз ҷойгоҳи ӯ барои ҳар як бача, рушди қобилияти роҳнамоии ӯ дар ахлоқ мебошад арзишҳо, қарорҳои зуд ва оптималӣ дар муҳити доимо тағйирёбанда, қобилияти омӯхтан ва ҳалли ҳама гуна мушкилот эҷодкорона буданро фароҳам меорад.

Дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ ташхиси сатҳи омодагии касбии омӯзгорон ба кор бо истифодаи технологияи таълими инфиродӣ - тафриқавӣ низ гузаронида шуд. Дар гимназияи таҷрибавии № 4-уми шаҳри Хуҷанд фоизи нисбатан зиёдтари омӯзгорон сатҳи баланди рушди малакаҳои дар боло зикршударо доранд ва фоизи хеле ками муаллимон сатҳи паст доранд. Дар мактаб-гимназияи таҷрибавӣ, инчунин баландшавии сатҳи қобилияти эҷодии муаллимон ба назар мерасад. Дар давоми ду соли охир шумораи омӯзгороне, ки ба фаъолияти таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ машғуланд, ба таври назаррас афзудааст. Аз тарафи дигар, шумораи муаллимоне, ки зарурати ислоҳотро дар гимназия қабул намекунанд, ба ҳадди ақал коҳиш дода шуд. Баъзе муаллимони чунин гуруҳ маҷбур шуданд, ки берунӣ (вале баъзеи дигарашон дар дохил) зарурати тағйиротро қабул кунанд.

Ғайр аз ин, сатҳи фарҳанги иттилоотии омӯзгорон баланд шудааст. Ҳамаи ин нишондиҳандаҳо ба муваффақияти татбиқи усули инфиродӣ - тафриқавии омӯзиш таъсири мусбат мерасонанд.

## ХУЛОСА

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир ба хонандагон на танҳо асосҳои илм, инчунин бояд фикррониву андеша карданро омӯзонад, қобилият ва истеъдодҳои онҳоро ривоҷу равнақ бахшад, ба зуҳури эҷодӣ имкон фароҳам орад. Яке аз роҳҳои ҳалли ин муаммо таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ маҳсуб меёбад [1-М].

Дар шароити муосир, хонандагон ба таълими ба шахсият нигаронида эҳтиёҷ доранд. Ба ин тавассути пешниҳоди дидгоҳ инфиродӣ - тафриқавӣ ба омӯзиш ноил метавон шуд [3-М].

Ҳангоми ташкили таълими инфиродӣ ва тафриқа бояд чунин хусусиятҳои низоми маориф, ба монанди талабот ба кадрҳои баландихтисос ба назар гирифта шаванд. Тахассуси омӯзгор пеш аз ҳама аз сатҳи фаъолияти касбӣ-педагогии ӯ муайян карда мешавад [2-М].

Таҳлили вазъи кунунӣ нишон дод, ки имкони ба даст овардани самаранокии воқеии раванди таълимро бо тадбирҳои бозомӯзии омӯзгорони инфиродӣ таъмин карда наметавонад, агар ин ба таври мустақил, эпизодӣ ва ба ҳеҷ ваҷҳ бо сиёсати умумии тамоми мактаб, қолибҳо, анъанаҳо ва сохтори идоракунии дар он амалкунанда алоқаманд бошад [5-М].

Омӯзиши вазъи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир ва таҳлили адабиёт моро ба зарурати

ҷалби гурӯҳҳои хонандагон дар асоси тақсимоти якчанд хусусиятҳои шахсият боварӣ бахшид. Ин гурӯҳҳо дар раванди таълим метавонанд бо заминаҳои мухталиф (қобилият, манфиатҳо, фаъолияти таълимӣ, хусусиятҳои психологию педагогӣ ва ғ.) ташаккул ёбанд. Дар таҳқиқоти худ мо барои таъсиси гуруҳ чунин навъҳои фаъолияти таълимӣ, омӯзишӣ, омӯзишшаванда ва навъи тафаккурро асос кардем [4-М].

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёт марбут ба масъалаи таҳқиқи илмии мавзӯи мазкур ва ҳолати таълими инфиродӣ дар мактаб, мо инчунин муайян кардем, ки яке аз шартҳои тафриқавии самарабахш ин таъсиси гуруҳҳои таълимӣ аз рӯи якчанд аломатҳои ташхисӣ (таълим, қобилияти омӯзишӣ, навъи тафаккур) буда метавонад [6-М].

Таҳлил инчунин нишон дод, ки яке аз мушкилоти асосии раванди навсозии мундариҷаи таълим, таҷдиди сохтори раванди таълим на танҳо надоштани дониши зарурӣ дар байни омӯзгорон дар бораи асосҳои дидактикӣ, психология, огоҳӣ аз технологияҳо ва консепсияҳои муосири таълимӣ мебошад, балки дар баъзе ҳолатҳо рад кардани инҳо мафҳумҳо ва принсипҳое, ки ба рушди шахсият ва эҷодкории кӯдак нигаронида шудаанд [2-М].

**2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо:**

1. Дар гимназияи таҷрибавӣ низоми таълими инфиродӣ- тафриқавӣ (ТИТ) таҳия шудааст, ки дар асоси модели Мактаби фардо сохта шуда ва дар мактаби таҷрибавӣ барои блоки фанҳои бо забони англисӣ таълимдиҳанда пешниҳод карда шудааст. Хусусияти ин барнома аз он иборат аст, ки он низоми ҷудонашавандаи таълимӣ буда, тамоми масъалаҳои мубрамро ба таври маҷмуъ ва тақрибан пурра ҳал мекунад ва имрӯз дар ягон технологияи инноватсионии дигар мавҷуд нест.

2. Сатҳи таҳсилот воҳиди асосии сохтори таълими тафриқавӣ дар синфҳои тахассусӣ мебошад. Таълифоти муаллифони гуногунро таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки вобаста ба ҳадафҳои омӯзиш, ихтисоси синф шумораи сатҳҳои омӯхтани мавзӯъ метавонад бисёр бошад.

3. Низоми аз ҷониби мо таҳияшуда ба хонанда тавозуни озодӣ ва масъулиятро фароҳам меорад, ки баробарии воқеиро байни бачагон барои гирифтани маълумоти босифат таъмин менамояд. Дар айни замон, нақши назоратии муаллим бениҳоят меафзояд ва ба ӯ имкон медиҳад, ки бачаро дар доираи рушди мутобиқ ба талабот роҳнамоӣ кунад.

4. Таҳлили хусусиятҳои технологияҳои таълими инфиродӣ- тафриқавӣ зарурати пурзӯр намудани нақши созмондиҳандаи муаллимро ҳангоми кор бо модулҳо, фаъолияти ӯро дар коркард ва ба низом даровардани маводи таълимии пешниҳодшуда тақозо мекунад.

5. Фаъолияти омӯзгор дар ин ҳолат ба таври назаррас тағйир меёбад ва дар натиҷа усулҳои тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои педагогӣ низ тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, вазифаи такмили ихтисоси муаллимони гимназия қисми таркибии системаи барномаи умумии тағйироти инноватсионӣ мебошад, ки дар тӯли чандин солҳо мунтазам амалӣ карда мешавад.

6. Барои таҳияи ғояҳо оид ба технологияи ҳамгирошудаи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ ғояҳои қолибтарини харитаҳои технологӣ истифода шуданд, ки онҳо барои лоиҳаҳои таълимӣ ва харитаҳои мавзӯӣ, ки дар гимназия таҳия шудаанд, асос гузоштанд.

7. Кор бо хонандагони гимназияи озмоишӣ аз рӯи низоми таълими инфиродӣ-тафриқавии таҳиякардаи мо боиси ба таври назаррас баланд шудани нишондиҳандаҳои сифатии таълими онҳо, сатҳи маълумот дар муқоиса бо синфҳои назоратӣ гардид.

8. Дар мактаб-гимназияи таҷрибавӣ афзоиши сатҳи қобилияти эҷодии муаллимон низ ба мушоҳида мерасад. Дар тӯли ду соли охир шумораи омӯзгороне, ки бо таҳлил ва тадқиқ машғуланд, ба таври назаррас афзудааст.

9. Озмоиш ба хулосае мерасонад, ки самаранокии таълим дар синфҳои озмоишӣ ба ҳамбастагии тағйирнопазирӣ ва тағйирёбандаи мундариҷаи таълим вобаста аст, ки ба инобат гирифтани эҳтиёҷоти инфиродии хонандагонро таъмин менамояд ва ба онҳо имкон медиҳад, ки барномаи таълимии худро таҳия кунанд. Дар ин шароит хонанда имконият пайдо мекунад, ки шакли таҳсил ва сатҳи таҳсилро вобаста ба фанҳои таълимӣ интихоб кунад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқот ва маводҳои назариявии таҳияшуда фарзияи пешниҳодшударо тасдиқ карданд. Асоснокии асосҳои назариявии таълими инфиродӣ-тафриқавӣ, асосноккунии илмӣ ва методии он дар бораи расидан ба ҳадафи гузошташуда гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти мазкур ҳалли тамоми масъалаҳои марбут ба ташкили таълими инфиродӣ-тафриқавии хонандагонро дар бар намегирад, балки барои дарки амиқи педагогии моҳияти таълими инфиродӣ-тафриқавӣ ва робитаҳои мутақобилаи усулҳои роҳнамоии педагогӣ дар марҳилаҳои

гуногуни таълим ва омӯзиши маҷмӯи масъалаҳо, аз ҷумла, таносуби таълими инфиродӣ-тафриқавӣ, бознигарӣ ва ташкили идоракунии таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар сатҳи муосир дар марҳилаҳои гуногуни таҳсилоти мактабӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

## Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

### а) Мақолаҳое, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ ва КОА ФР чоп шудаанд:


[1-М]. Таълими инфиродию тафриқавӣ ҳамчун масъалаи муҳими илми педагогика. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №8, (ISSN 2074-1847), ш.Душанбе, соли 2018.

[2-М]. Татбиқи муносибати ба амалия тамоюлдошта дар таълими мактаббачагони хурдсол. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ ISSN 2663-5534), Бохтар, 2019.

[3-М]. Ҷанбаҳои илмию методии таълими инфиродию тафриқавии хонандагон дар шароити муосир. Паёми Донишгоҳи миллииТоҷикистон №5, (ISSN 2074-1847), ш.Душанбе, соли 2019.

[4-М]. Ҷанбаҳои назариявии моделсозии раванди ташкили таълими ба амалия нигаронидашудаи хонандагон. Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. (силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. №3), (27). 2019,

[5-М]. Таълими инфиродӣ-тафриқавӣ чун муаммои педагогӣ. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. №4 (49), Душанбе, 2023.

[6-М]. Татбиқи муносибати инфиродӣ – тафриқавӣ дар раванди таълим бо назардошти хусусиятҳои равонӣ ва синнусолии хонандагон. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. №1-2(134), (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ, ISSN 2663-5534), Бохтар , 2025.


### б) Мақолаҳо ва маводе, ки дар нашриёҳои дигар ба табъ расидаанд:


[7-М]. Хусусиятҳои муносибати инфиродию тафриқавӣ дар раванди таълими мактаббачагони хурдсол. Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас: Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ-Хуҷанд: Меъроҷ, 2019- 476с.

[8-М]. Таълими фардӣ-тафриқавӣ чун воситаи рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ . Машъалафрӯзи маориф. “Тоҷпринт” Хуҷанд-2022.

[9-М]. Оиди баъзе масъалаҳои омодагии омӯзгорон ба ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълими хонандагони муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ . “Масъалаҳои мубрами омодагии касбии омӯзгорони оянда дар фаъолияти макотиби олӣ”. -Хуҷанд: “Нури маърифат”, 2023. 227с.

[10-М]. Омодагии омӯзгорон ба ташкили муносибати инфиродӣ-тафриқавӣ дар таълим ва тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ “Роҳ ва воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб”. - Хуҷанд: “Нури маърифат”, 2023. 420с.

[11-М]. Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар ҷавонон. Конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ бахшида ба 30-солагии Рӯзи байналмиллалии оила “Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосир ва роҳҳои таъмини устувории он. ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе,15-майи с. 2023.

[12-М]. Мавқеи оила дар омодасозии насли наврас ба ҳаёти хонаводагӣ. Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Модернизатсия ва трансформатсияи фаъолияти илмӣ дар шароити рақамисозӣ”. Стерлитамак, Федератсияи Русия.

[13-М]. Аҳамияти тарбияи иқтисодӣ дар рушди ҳаматарафаи мактаббачагони хурдсол. Конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ “Муаммоҳо ва дурнамои рушди илмҳои педагогӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ”. Хуҷанд, 15.10.2024

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ**
**«ХУДЖАНДСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**ИМЕНИ АКАДЕМИКА БОБОДЖОНА ГАФУРОВА»**

***На правах рукописи***

**УДК - 74.202.4**
**ББК - 371.4**
**М - 65**

**МИРМАМАТОВА МАНИЖА РУСТАМОВНА**

# ЭФФЕКТИВНОЕ РАЗВИТИЕ УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ ПОСРЕДСТВОМ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНДИВИДУАЛЬНО-ДИФФЕРЕНЦИРОВАННОГО ПОДХОДА

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание ученой степени кандидата**
**педагогических наук по специальности 13.00.01 - Общая**
**педагогика, истории педагогики и образования**

**ХУДЖАНД – 2025**

Диссертация выполнена на кафедре социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова».

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Шаропов Шавкатджон Ахмадович** - доктор педагогических наук, профессор ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» |
| **Официальные оппоненты:** | **Нугмонов Мансур** – доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания математики Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни |
| | **Шехов Акбар Махмадиевич** – кандидат педагогических наук, заведующий кафедры языков с курсом компьютерной информации Института последипломного образования сфере здравоохранения Республики Таджикистан |
| **Ведущая организация:** | **Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода** |

Защита диссертации состоится « 5 » сентября 2025, года в 9 $^{00}$ часов в диссертационном совете 6D.КОА-077 при Академии образования Таджикистана

734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2, bakhriddin.1973@mail.ru, телефон: (+992) 904-29-22-66

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на сайте Академии образования Таджикистана (www.aot.tj).

Автореферат разослан «____» _____________ 2025 года.

Ученый секретарь
диссертационного совета,
кандидат педагогических наук Б. Мухиддинзода

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования**. Глобальные перемены экономического характера в современном обществе повлияли и на образовательную систему. Обществом востребована целеустремленная, инициативная, волевая, энергичная личность. В настоящее время развитие деятельности всех слоев общества осуществляется с опорой на экономические и политические реформы, диктующие переход на новые методы хозяйствования. В таких условиях происходит пересмотр и модернизация деятельности средних общеобразовательных учреждений, демократизация процесса обучения и воспитания, изменение содержательной сущности образования. Трансформация экономических и политических отношений вызвала изменение не только целей обучения, но и всей образовательной системы. Первостепенной задачей в современном мире становится поиск и реализация такого построения процесса обучения, содействующего не только эффективному формированию теоретического уровня обучения, практических умений и навыков, но и развитию интеллектуальных способностей и стремлений учащихся к самообучению и самосовершенствованию.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон определил вопрос расширения и развития образования и воспитания как одну из ключевых тем государственной политики. Попытка осмыслить содержание Послания Лидера Нации в сферах духовности, науки, образования и воспитания человека является темой наших ежедневных дискуссий. Лидер нации постоянно подчеркивает, что воспитание и обучение должны обладать великой силой преобразования людей на благо общества, его развития и прогресса.

Реформирование образовательной системы в современных условиях влияет как на цели развития средних общеобразовательных учреждений, так и на средства их реализации. Гуманитаризация сферы образования осуществляется в нескольких направлениях, в том числе в процессе индивидуализированного дифференцированного обучения с учетом индивидуально-психологических особенностей обучающихся, их личностных способностей и возможностей.

**Степень изученности научной темы**. Изучением разных аспектов индивидуально-дифференцированного обучения занимались С.В.Алексеев [1], Л.Я.Зорина [5], Е.Е.Минченков [16], В.М.Монахов [17], В.В.Сериков [24],

И.Э.Унт [27], Н.М.Шахмаев [33], И.С.Якиманская [37], В.И.Ревякина [21] и др.

Г.Н.Прозументова [118] рассматривает вопрос о взаимосвязи личности учителя и ученика в качестве центрального компонента качественно новой системы воспитания. Гуманистическая направленность образовательной системы при развитии субъекта в процессе обучения разрабатывается в исследованиях В.В.Краевского [12], М.Н.Берулавой [2] и других, изменение сущности технологии процесса обучения составляет проблематику работ Ю.В.Сенько[23].

Многочисленные исследования (А.Н.Конев [11], Е.С.Рабунский [20], [21], Н.А.Менчинская [15], И.Э.Унт [27], А.А.Кирсанов [10] и др.) посвящены вопросам индивидуального обучения.

В Республике Таджикистан к исследованию вопросов развития образовательной системы, повышения качества образования, изучения и внедрения современных педагогических технологий в образовательном пространстве, использования средств информационно-коммуникативных технологий на уроке, организации индивидуально-дифференцированного обучения весомый вклад внесли отечественные ученые и специалисты педагогической отрасли: Лутфуллозода М. [13], Шарифзода Ф. [29], Каримова И. Х. [8], Зубайдов У. [6], Шаропов Ш.А. [30], Сабурӣ Х.М. [22], Гулмадов Ф. [4] и др. В диссертациях и статьях отечественных исследователей Зубайдова У. [6], Лутфуллева М. [13], Шарипова Ф. [29], индивидуально-дифференцированное обучение рассматривается как инновационная технология обучения, способствующая росту качества образования.

Проблема внедрения дифференцированного обучения в деятельность средних образовательных учреждений в стране разработана преимущественно в исследованиях академика Академии образования Таджикистана У. Зубайдова [6]. В его работах подчеркивается, что учебно-познавательная деятельность призвана стать источником формирования личности учащегося, главным критерием развития личности - его деятельности по раскрытию собственных интеллектуальных способностей и возможностей. Таким образом, учащиеся обретают знания, умения и навыки, необходимые способы деятельности, развивается потребность в познании, формируются идеи, убеждения, интерес, волевые качества и т.д.

В исследованиях И.Д.Бутузова [3], М.А.Мельникова [14], И.Э.Унта [27], В.И. Ревякина [21] и других ученых описывается опыт внедрения дифференцированного обучения в советский период, дается классификация

форм и разнообразных видов обучения с учетом индивидуальных особенностей учащихся путем их группирования.

Вместе с тем, признавая положительные результаты проведенных исследований, следует констатировать, что индивидуальный подход внедрен в практику слабо и следовательно, не приносит ожидаемых результатов. Это объясняется тем, что в существующих работах внимание в основном направлено на личностные качества, позволяющие формировать и развивать учащихся с применением индивидуального подхода, однако содержанию и методам обучения  внимание уделяется незначительно. В результате этого, в реальном процессе обучения индивидуальная работа учащихся реализуется как «дополнительная» деятельность с применением традиционных методов обучения.

Мы полагаем, что сегодня появилась возможность решения данной проблемы в рамках современных методов и содержательных аспектов, в соответствии с требованиями нынешней образовательной системы.

К сожалению, авторами исследований, непосредственно посвященных индивидуальному обучению, указывается на ряд противоречий в реальном процессе обучения, которые усложняют решение проблемы, связанной с общей для всех формы обучения. Такие противоречия проявляются и в организации, и в содержании учебной деятельности. На наш взгляд, эти противоречия можно устранить путем реализации индивидуально-дифференцированного подхода в обучении.

В исследованиях проведен анализ некоторых сторон данной проблемы, однако недостаточно полно исследован один из аспектов - индивидуально-дифференцированное обучение как условие повышения педагогической эффективности процесса обучения.

Таким образом, существует противоречие между реальной потребностью в реализации индивидуальных особенностей, интересов и стремлений учащихся в процессе обучения с учетом применения индивидуально-дифференцированного подхода и недостаточной изученностью проблемы в плане методики и содержания. Это обусловило выбор темы исследования: «Развитие эффективности образования учащихся посредством использования индивидуально-дифференцированного обучения (на материалах английского языка)».

**Связь исследования с программами (проектами) или научными темами**. Тема диссертации является составной частью научно-исследовательской программы кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова» и связана с исследованием и решением актуальной проблемы в педагогической науке и

основных положений Национальной стратегии развития образования в Республике Таджикистан на период до 2030 года.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Целью исследования** представляет собой определение и установление педагогических состояний и продуктивность индивидуально - дифференцированного подхода в обучении.

**Задачи исследования**:

- изучение и анализ научно-методической литературы по изучаемой проблематике и выработка на ее основе выводов;
- изучить и выявить психолого-педагогические основы повышения эффективности индивидуализированного подхода в образовании;
- теоретическая разработка и обоснование условий организации и реализации индивидуализированного подхода в эффективном обучении;
